**ДИЛОВАР МУҲИДДИНОВ КИСТ?** с. 10

**СОЛЯРКА. ҲАМ ГАРОН ҲАМ КАМЧИН** с. 3

**АФВШУДАГОН БА ОЗОДӢ МЕБАРОЯНД...** с. 5

# ТОҶИКИСТОН

№ 27 (1691), 8.07.26 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» яктост! Оғози нашр соли 1992



# ПРЕЗИДЕНТ ДАР СУҒД

Аз ифтитоҳи корхонаҳои нав то содироти маҳсулот ба хориҷ






## ДАР ИН ШУМОРА:

**САРВАЗИР ДАР ХАТЛОН**
Аз ифтитоҳи иншоот то омодагӣ ба ҷашни муҳим с.2

**МАРЗ**
Аломатгузорӣ ба поён расид с.3

**АҲДШИКАНӢ**
Амрико ба Эрон ҳамла кард с.4

**ИНТЕРНЕТИ БОСИФАТ**
Ҳадафи стратегияи нави алоқа с.7

**ШАШМАҚОМ**
Ба мактаби махсус ниёз дорем? с.6

**ЗИЁӢ КИСТ?**
Таҳқиқоти муҳаққиқи тоҷик с.13

**ҶОМИ ҶАҲОН**
Дурахши Ҳолан, Мбаппе ва боз ҳам Месси с.15

**КАНЗИ ШИФО**
Роҳи осону арзони лоғаршавӣ с.12

# САРВАЗИР ДАР ХАТЛОН

## Омодагӣ ба таҷлили 35-солагии Истиқлоли кишвар

**Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Қоҳир Расулзода дар доираи сафари корӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон бо ҷараёни корҳои созандагӣ, татбиқи лоиҳаҳои инфрасохторӣ, соҳилмустаҳкамкунӣ, рушди соҳаҳои маориф, энергетика, кишоварзӣ ва хизматрасонӣ шинос гардид. Ин сафар дар доираи омодагиҳо ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифта, ҳадафи он назорати рафти иҷрои корҳои ободонӣ ва суръат бахшидан ба татбиқи лоиҳаҳои муҳими иҷтимоиву иқтисодӣ арзёбӣ мешавад.**

Яке аз бахшҳои муҳими сафари Сарвазир шиносой бо корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар ноҳияҳои **Фархор, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ** ва **Кӯшониён** буд. Дар қитъаҳои осебпазири соҳили дарёи Панҷ дар ноҳияҳои Фархор ва Ҳамадонӣ бо мақсади пешгирӣ аз обхезӣ ва шуста шудани заминҳо корҳои муҳандисӣ идома доранд. Иттилоъ дода шуд, ки аз 20-уми марти соли равон аз ҳисоби Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ 15 адад техникаи махсус ба мавзеъҳои хавфноки ноҳияи Фархор сафарбар гардидааст. То имрӯз беш аз 10 ҳазору 565 адад тахтасанги оҳану бетонӣ насб шуда, зиёда аз 9 ҳазору 600 метри мукааб сангу шағал ба соҳилҳои осебпазир интиқол ёфтааст.

Дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ низ корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ идома дошта, дар қитъаҳои осебпазир монеаҳои муҳофизатӣ бунёд ва барқарор мешаванд. Сарвазир ба масъулон дастур дод, ки корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ бо риояи меъёрҳои муҳандисӣ, сифати баланд ва дар муҳлатҳои муайяншуда анҷом дода шаванд.

Қоҳир Расулзода инчунин аз корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ дар соҳили дарёи Вахш, дар деҳаҳои Сари Ҳавз ва Сари Пули ҷамоати шаҳраки Бохтариёни ноҳияи Кӯшониён дидан намуд. Ин маҳалҳо аз минтақаҳои осебпазир ба шумор рафта, бар асари тағйирёбии маҷрои дарё заминҳои кишоварзӣ, ҳавзҳои моҳипарварӣ ва манзилҳои истиқоматӣ дар хатар қарор доранд. Барои ҳифзи аҳолӣ садҳо тахтасанг насб, хандақҳо кофта ва монеаҳои муҳофизатӣ бунёд шудаанд. Ба ин корҳо зиёда аз 120 адад техника ҷалб гардидааст.

Дар **ноҳияи Панҷ** Сарвазири мамлакат дар деҳаи Панҷрӯди ҷамоати деҳоти Меҳвар дар ифтитоҳи бинои иловагӣ дар назди Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №32 иштирок намуд. Иншоот барои 240 хонанда дар ду баст пешбинӣ шуда, аз ду ошёна ва 4 синфхонаи фаннӣ иборат аст. Арзиши умумии лоиҳа 1 миллиону 800 ҳазор сомониро ташкил медиҳад. Дар муассиса 509 хонанда таҳсил мекунанд ва бинои нав барои коҳиш додани зичии синфхонаҳо ва беҳтар намудани шароити таълим мусоидат хоҳад кард. Дар давраи сохтмон 8-10 сокини маҳаллӣ бо ҷойи кор таъмин гардиданд.

Ҳамчунин дар ноҳияи Панҷ Сарвазир бо рафти нашъунамои пахтаи зери плёнка дар хоҷагии деҳқонии «Ғаюр» шинос шуд. Хоҷагӣ соли 2008 таъсис ёфта, 5,65 гектар замини кишоварзӣ дорад. Роҳбари онро Бахтиёр Тавуров ба ӯҳда дошта, самти асосии фаъолияташ пахтакорист. Аз масоҳати умумӣ 4,65 гектар ба пахта, 0,60 гектар ба кишти такрории каду ва 0,40 гектар ба беда ҷудо шудааст.

**(Давомаш дар саҳ. 11)**







## САРИ САБЗ



**Суман АБДУЛЛОЕВА, тоҷики муқими Фаронса**

**- Бисёр вақт боистеъдодтарин одамон онҳое ҳастанд, ки бо меҳнати худ ба муваффақият мерасанд. Таҳсилот муҳим аст, аммо истеъдод, меҳнат ва муҳаббат ба ҳунар аз ҳама муҳимтаранд. Бисёр одамон ҳатто бе таҳсилоти махсус дар соҳаи санъат ба натиҷаҳои калон мерасанд.**

*- Пас, ҳамаи онҳое, ки оҳангу сурудҳои дигаронро дуздидаву копихонӣ мекунанд ва дар соҳаи санъат ба натиҷаҳои калон мерасанд, муҳаббаташон ба ҳунар зиёд будааст-дия!*



**Бурҳвалӣ ҒУЛОМҲАЙДАРЗОДА, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон**

**- Коргардон шахси аввали театр аст. Ҳарчанд шоҳи саҳна ҳунарпеша аст, вале муҳимтар аз ҳама коргардон аст. Бадбахтона, баъзан "ман"-и бемаънии бархе коргардонҳо сифати корро бад мекунад ва ба дили ҳунарпеша ноҳун мезанад.**

*- Тшшш, оҳистатар, устоди азиз! Коре накунед, ки бо чунин ошкорбаёнӣ барои чандин коргардон мушкил пеш оред ру роҳбарони театрҳо худро ҳиҷолатзада дарёбанд ва ба сари онҳо чормағз шикананд.*



**Ситораи КАРОМАТУЛЛО, ҳунарманди ҷавони тоҷик**

**- Тағои ман истеъдодест, ки Худованд бароям лоиқ донистааст... Бисёр вақтҳо ходи созмондиҳандагони фестивалҳои хориҷӣ барои иштирок дар чорабиниҳои байналмилалӣ даъват ба амал овардаанд... Гап дар маблағ не, дар обрӯст. Пул имрӯз ҳасту пагоҳ нест, вале обрӯ боқӣ мемонад...**

*- Риторикаи хуб доред. Дар мавриди ана ҳамин хел мавзӯҳо барои ҳамтоҳои "ситора"-атон кам-кам курсҳои омӯзишӣ гузаронед, хуб мешавад. Бигузор онҳо ҳам бемеҳриву бевафоии пулро дарк намоянд.*


**ҲАЙАТИ МУШОВАРА**

**Шариф ҲАМДАМПУР,** Сармуҳаррир, раиси ҳайати мушовара

**Матлубахон САТТОРИЁН,** Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Шералӣ КАБИР,** Вазири саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,** президенти АМИТ, академик

**Муҷибахон ҶАВҲАРӢ,** раиси Кумита оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Дилбар ОДИЛЗОДА,** муовини раиси шаҳри Душанбе

**Заробиддин ҚОСИМӢ,** Сардори хадамоти матбуотии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,** Раиси Шурои уламои Тоҷикистон

**Носирҷон САЛИМӢ,** академик

**Гулсифат ШАҲИДӢ,** нависанда

**Рафоэл НЕКТАЛОВ,** Сармуҳаррири рӯзномаи The Bukharian Times

**Иноят ИНОЯТОВ,** ҳуқуқшинос

**Одил НОЗИР,** муҳаррир

**Усмон РАҲИМЗОДА,** муҳаррири сомонаи pressa.tj

**Фирдавс САТТОРОВ,** саҳифабанд

*Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/РЗ сабти ном шудааст. Дар ҳафтанома маводе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани маводи ба иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи маводи шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолибро аз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.*



**ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:**
**221-00-84, 227-19-95**
**tojikiston@pressa.tj**

**ШУЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА**
**ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16**
**238-78-78, 44 640-99-88, 238-61-61**
**ads@rg.tj**

**ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО**
**918-66-82-64, 221-41-11**

**ТЕЪДОДИ НАШР:**
33 000 нусха.

# ҲАМ ГАРОН, ҲАМ КАМЁФТ

## Буҳрони сӯзишвории дизелӣ чӣ паёмад дорад?

**Тайи ҳафтаи охир дар Тоҷикистон нархи сӯзишвории дизелӣ ё худ солярка боз боло рафт. Гарчанде пеш як литри он ҳудуди 13 сомонӣ арзиш дошт, ҳоло дар Душанбе нархи он аз 13,9 то 15,5 сомонӣ ва дар минтақаҳо аз 13,6 то 15,6 сомонӣ расидааст. Дар шабакаҳои иҷтимоӣ баъзе корбарон аз 18 сомонӣ шудани нархи он низ шикоят мекунанд.**




Ҳамзамон, дар баъзе нуқтаҳои фурӯши сӯзишворӣ дар пойтахт солярка умуман дастрас нест. Масалан, дар нуқтаҳои фурӯши “Газпромнефт” дар Душанбе фурӯши сӯзишвории дизелӣ аз 2-юми июл қатъ шудааст. Дар баъзе нуқтаҳои дигари фурӯш бошад, солярка ҳаст, аммо онро бо маҳдудият, на бештар аз 20 литр ба як нафар мефурӯшанд.

Фурӯшандагон сабаби дақиқи камбуд ва болоравии нархро шарҳ дода наметавонанд. Аммо бархе мегӯянд, ки ин вазъ ҳам ба талаботи мавсимӣ ва ҳам ба мушкилоти бозори сӯзишвории Русия рабт дорад. Зеро Тоҷикистон қисмати зиёди маҳсулоти нафтӣ ва гази моеъро маҳз аз Русия ворид мекунад.

Бино ба маълумоти Вазорати энергетикаи Тоҷикистон, соли 2025 аз Русия ба кишвар зиёда аз 1,2 миллион тонна маҳсулоти нафтӣ ва гази моеъ интиқол ёфтааст, ки 70 дарсади ҳаҷми умумии воридоти ин навъи маҳсулотро ташкил медиҳад. Дар маҷмӯъ, соли гузашта ба Тоҷикистон тақрибан 1,7 миллион тонна маводи сӯзишворӣ ворид шудааст.

Дар дохили кишвар истеҳсоли сӯзишворӣ хеле ночиз аст. Тибқи маълумоти расмӣ, соли 2025 дар Тоҷикистон ҳамагӣ 2109 тонна бензин ва 3111 тонна сӯзишвории дизелӣ истеҳсол шудааст. Ин рақамҳо дар муқоиса бо ҳаҷми воридот, ки садҳо ҳазор ва миллионҳо тоннаро ташкил медиҳад, хеле каманд.

Камбуди солярка пеш аз ҳама барои бахши кишоварзӣ нигаронкунанда аст. Техникаи саҳроӣ, мошинҳои боркаш ва қисми зиёди нақлиёти хизматрасони кишоварзӣ бо сӯзишвории дизелӣ фаъолият мекунанд. Дар мавсими киштукор ва ҷамъоварии ҳосил ҳар гуна гаронӣ ё камбуд метавонад ба харочоти деҳқонон таъсири мустақим расонад.

Соҳибкорон мегӯянд, онхое, ки солҳо дар ин бозор фаъолият доранд, одатан барои чунин ҳолатҳо захира омода мекунанд. Аммо агар камбуди сӯзишворӣ ба дарозо кашад, эҳтимол дорад, ки он ба нархи маҳсулоти кишоварзӣ, хизматрасонии нақлиётӣ ва дар ниҳоят ба бозори истеъмолӣ таъсир расонад.

Мақомоти дахлдори кишвар ханӯз қазияро шарҳ надодаанд. Кӯшиши мо ҳам барои дарёфти шарҳ натиҷа надод.

# АНҶОМИ АЛОМАТГУЗОРИИ МАРЗИ ТОҶИКИСТОНУ ҚИРҒИЗИСТОН

**Дафтари матбуоти раиси вилояти Суғд хабар дод, ки дар ҳудуди ин вилоят корҳои муайянсозӣ ва муҳаҳҳазгардонии сарҳади давлатии Тоҷикистон бо Қирғизистон пурра ба анҷом расид.**



Ба ин муносибат дар ноҳияи Ҷаббор Расулов бо иштироки Раҷаб Аҳмадзода, раиси вилояти Суғд, генерал-лейтенант Муродалӣ Раҷабзода, фармондеҳи Кӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, намояндагони Вазорати мудофиа, масъулон ва сокинони маҳаллӣ чорабинии тантанавӣ баргузор шуд.

Дар чорабинӣ таъкид гардидааст, ки дар ноҳияҳои ҳамсарҳади вилояти Суғд беш аз 300 километр сарҳад бо насби аломатҳои сарҳадӣ ва дигар инфрасохтори зарурӣ мутобиқ ба талаботи байналмилалӣ муҷаҳҳаз карда шуд.

Олимбек Юлдошзода, раиси ноҳияи Ҷаббор Расулов рӯзи 6-уми июл гуфтааст, ки беш аз 55 километр сарҳад миёни ноҳияи Ҷаббор Расулови Тоҷикистон ва ноҳияи Лайлаки Қирғизистон муайян шуда, дар ин қитъа симхор кашида шудааст. Ба гуфтаи ӯ, корҳои симхоркашӣ 70 рӯз пеш оғоз гардида, дар он 450-500 коргару афсар ҷалб шуда буданд.

Марзи Тоҷикистон ва Қирғизистон каме бештар аз 1000 километрро ташкил медиҳад. Солҳои зиёд чанд қитъаи ин марз баҳснок боқӣ монда, масъалаи таъйину аломатгузории он борҳо сабаби таниш ва даргирӣ миёни ду ҷониб шуда буд.

Моҳи марти соли 2025 миёни Тоҷикистон ва Қирғизистон Созишнома дар бораи аломатгузории марз имзо шуд. Пас аз он раванди муайянсозӣ ва муҷаҳҳазгардонии сарҳад оғоз ёфт.

*Аз нишастҳои матбуотӣ*

**Дар шаш моҳи аввали соли 2026 ширкатҳои мобилии Тоҷикистон беш аз 605 ҳазор сомонӣ ҷарима шудаанд. Маблағи ҷарима пурра ба буҷети давлат ворид гардидааст.**



Дар ин бора сардори Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Тоҷикистон **Исфандиёри Саъдулло** зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод.

Ба гуфтаи ӯ, дар баробари пурзӯр гардидани назорат аз болои фаъолияти ширкатҳои мобилӣ, дар кишвар суръати интернет низ беҳтар шудааст. Суръати миёнаи интернети мобилӣ дар Тоҷикистон аз 7,2 Мбит/с дар аввали соли 2025 то 35,4 Мбит/с дар соли 2026 афзоиш ёфтааст.

**Дар 6 моҳи аввали соли 2026 дар муассисаҳои тиббии Тоҷикистон ба 139 бемор амалиёти пайвандсозии узв гузаронида шуд. Аз ин омор ба 86 бемор гурда ва ба 53 бемор ҷигар пайванд карда шуд.**



Ба иттилои муовини якуми вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон **Саломуддин Юсуфӣ**, дар миёни беморон 6 кӯдак низ ҳастанд. Ба 4 нафар гурда ва ба 2 кӯдак ҷигар пайванд шудааст. Илова бар ин, дар шаш моҳи аввали соли ҷорӣ дар Тоҷикистон 1437 амалиёти ҷарроҳии дилу рагҳо анҷом дода шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 155 адад бештар мебошад.

**Дар шаш моҳи аввали соли 2026 тавассути ҳамаи намудҳои нақлиёт 76,4 миллион тонна бор ва 552,1 миллион мусофир интиқол дода шудааст. Нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ҳаҷми боркашонӣ 14,7 фоиз ва мусофирбарӣ 8 фоиз афзоиш ёфтааст.**



Тавре **Азим Иброҳим**, вазири нақлиёти Тоҷикистон зимни нишасти матбуотӣ иттилоъ дод, айни ҳол дар ҷумҳурӣ 920 хатсайри мусофирбарӣ фаъолият дошта, шумораи онҳо нисбат ба соли гузашта 18 адад зиёд мебошанд. Дар соҳаи роҳу нақлиёт 2957 корхона фаъолият дошта, ин нишондиҳанда нисбат ба соли гузашта 4,2 фоиз афзудааст.

## ТОҚАЕВ БОЗ ПРЕЗИДЕНТ МЕШАВАД?



**Пас аз мавриди амал қарор гирифтани Конститутсияи нави кишвар, президенти кунунии Қазоқистон Қосим-Жомарт Тоқаев метавонад бори дигар барои мақоми президентӣ номзад шавад. Чунин хулосаро Суди конститутсионии Ҷумҳурии Қазоқистон дар шарҳи расмии худ эълон кардааст.**

Қаблан бо ташаббуси Тоқаев мухлати ваколати президент дар Қазоқистон аз чор ба ҳафт сол дароз карда шуда, ҳамзамон муқаррар гардида буд, ки як шахс танҳо як маротиба метавонад президенти кишвар интихоб шавад. Ин меъёр дар Конститутсияи нави соли 2026 низ нигоҳ дошта шудааст. Қосим-Жомарт Тоқаев бори аввал моҳи марти соли 2019 пас аз истеъфои Нурсултон Назарбоев иҷрокунандаи вазифаи президент шуд. Ӯ дар интихоботи ғайринавбатии соли 2019 бо касби 70,96 дарсади овозҳо ва дар интихоботи соли 2022 бо 81,31 дарсади овозҳо пирӯз гардида буд. Тибқи Конститутсияи қаблӣ, мухлати ваколати ӯ бояд соли 2029 ба анҷом мерасид.

интерфакс

## ТОШИЕВ БА 4 СОЛИ ЗИНДОН МАҲКУМ ШУД



**Суд дар Қирғизистон Қамчибек Тошиев, раиси пешини Кумитаи давлатии амнияти миллӣ (КДАМ)-и ин кишварро ба чор соли зиндон бо мусодираи амвол маҳкум кардааст. Қаблан нисбати ӯ бо гумони "кӯшиши табаддулоти давлатӣ" парвандаи ҷиноятӣ боз шуда буд.**

Ҳамчунин Нурланбек Тургунбек, раиси пешини Жогорку Кенеш (парлумони Қирғизистон) ва Қурманқул Зулушев, додситони кулли пешини ин кишвар низ ба 4 соли зиндон бо мусодираи молу мулк маҳкум шуданд. Дар баробари ин, додгоҳ қарор кардааст, ки нисбати онҳо низоми офиятбахшии иҷтимоӣ ва назорат (пробатсия) татбиқ шавад. Ҳукми онҳо дар доираи парвандаи маъруф ба "Номаи 75" марбут аст. Гуфта мешавад, ки Тошиев 4 солро на дар зиндон, вале зери назорат сипарӣ хоҳад кард. Вакили дифои ӯ гуфтааст, ки аз ҳукми суд розӣ нестанд.

КАБАР

# ДИПЛОМАТИЯИ ҚУРЪОН

## Эрон бо оятҳо ба кӣ чӣ паём дод?



**МАРОСИМИ ВИДОЪ БО РОҲБАРИ ШАҲИДИ ҶУМҲУРИИ ИСЛОМИИ ЭРОН ОЯТУЛЛОҲ САЙИД АЛИИ ХОМАНАӢ, КИ РӮЗИ 4-УМИ ИЮЛ ДАР МУСАЛЛОИ ТЕҲРОН ОҒОЗ ШУДА, РӮЗҲОИ БАЪДӢ ДАР ШАҲРИ ҚУМ, НАҶАФИ ИРОҚ ИДОМА МЕКУНАД ВА 9-УМИ ИЮЛ ДАР МАШҲАД БА ПОЁН МЕРАСАД, МАВРИДИ ТАВАҶҶУҲИ ҶОМЕАИ ҶАҲОН ҚАРОР ГИРИФТ. ДАР ИН МАРОСИМ ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ВА САРОНИ ЯК ҚАТОР КИШВАРҲО ИШТИРОК НАМУДАНД.**

Дар рӯзҳои маросими видоъ ва ташйеи ҷанозаи Алӣ Хоманаӣ як ибораи нав дар расонаҳои форсизабон ва шабакаҳои иҷтимоӣ сари забонҳо шуд: "Дипломосии Қуръон" ё "дипломосии оятҳо". Манзур аз ин истилоҳ равише буд, ки ба гуфтаи бархе расонаҳо, дар он ҳангоми ҳузури хайатҳои хориҷӣ ё шахсиятҳои сиёсӣ назди ҷаноза, оятҳои мушаххаси "Қуръон" қироат мешуданд ва ҳар оят гӯё паёми рамзӣ ба он кишвар, гурӯҳ ё шахсият дошт.

Барои мисол вақте ҳайати Арабистони Саудӣ вориди толори маросими видоъ шуд, ояти 13-уми сураи Оли Имрон қироат шудааст, ояте, ки ба рӯёруии ду гурӯҳ дар ҷанги Бадр ишора мекунад. Коршиносон инро паёме ба Риёз донистанд.

Ба намояндагони Туркия ояти 95-уми сураи Нисо хонда шуд. Расонаи "Рӯйдод 24" инро паём ба Анкара барои берун шудан аз мавқеи миёнарав ва эҳтиёткорона ва "ворид шудан ба майдони ҷиҳод" шарҳ додааст.

Барои Ҳизбуллоҳи Лубнон оятҳои 55 ва 56-уми сураи Моида хонда шудааст, ки он ишора ба пирӯзӣ мекунад.

Вақте роҳбари Ҷабҳаи муқовимати миллии Афғонистон Аҳмад Масъуд бо ҳайати ҳамроҳон вориди толор шуд, ояти 169-и сураи Оли Имрон хонда шуд, ки дар он гуфта мешавад "кушташудагон дар роҳи Худоро мурда напиндоред". Расонаҳо онро паёми рамзӣ ба Ҷабҳаи муқовимати миллии Афғонистон донистаанд.

Ба ҳайати Покистон, бо роҳбарии сарвазири ин кишвар Шаҳбоз Шариф ояти 80-и сураи Исро - "Ворид шудан ва берун шудан бо ростӣ" хонда шуд, ки коршиносон онро паём ба Исломобод дар бораи шаффофият дар миёнаравӣ арзёбӣ карданд.

Ҳамин гуна оятҳои рамзӣ ба аксари намояндагони кишварҳо хонда шуд.

Нуктаи ҷолиб ин аст, ки дар ин "дипломосии оятҳо" кишварҳо ва гурӯҳҳо ба таври яксон дида намешаванд. Ба дӯстони наздик оятҳои такрим, вафо ва пирӯзӣ нисбат дода мешаванд, ба рақибон ё кишварҳои мавқеашон номуайян - оятҳои хушдор ва эҳтиёт.

Ҳамин гуна, вақте Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо ҳайати ҳамроҳ вориди толори ташйеъи ҷанозаи Алии Хоманаӣ шуданд, ояти 126-и сураи Оли Имрон хона шуд, ки он ба паёми "нусрат аз ҷониби Худост" ишора мекунад. Маҳз ҳамин оятҳо ба ҳайати Чин низ хонда шуд.

Ҷониби Эрон ин масъаларо шарҳ надодааст ва ин ҳадси расонаҳо ва коршиносон асту бас, вале наметавонанд оятҳо худашон ногаҳон паёми Эронро ба ҳайтаҳо бирасонанд. Бинобар ин, коршиносон ба "дипломатияи Қуръон" ишора мекунанд.



### Аҳдшикании Амрико

## ТРАМП ГУФТ: ОТАШБАС ТАМОМ ШУД!

**ФАРМОНДЕҲИИ МАРКАЗИИ АРТИШИ АМРИКО (CENTCOM) СУБҲИ 8-УМИ ИЮЛ ХАБАР ДОД, КИ НЕРӮҲОИ ИН КИШВАР БА БЕШ АЗ 80 ҲАДАФ ДАР ҶАНУБИ ЭРОН ЗАРБА ЗАДААНД. БА ГУФТАИ ИН НИҲОД, ҲАМЛАҲО ДАР ПОСУХ БА "ҲАМЛАҲОИ АХИР БА КИШТИҲОИ ТИҶОРАТӢ ДАР ТАНГАИ ҲУРМУЗ" АНҶОМ ШУДААНД.**

CENTCOM эълон кард, ки ҳадафҳо дар ҷазираҳои Қишм ва Хорки Эрон ҷойгир буда, дар ҷараёни амалиёт низоми дифои ҳавоӣ, шабакаҳои фармондеҳӣ ва назорат, радарҳои соҳилӣ, таҷҳизоти вобаста ба мушакҳои зиддикиштӣ ва беш аз 60 қаиқи хурди Сипоҳи посдорони инқилоби исломӣ мавриди ҳамла қарор гирифтаанд.

Расонаҳои Эрон аз таркишҳо дар чанд нуқтаи ин ду ҷазира хабар дода, наворҳое низ нашр карданд. Хабаргузории "Форс" навишт, ки дар натиҷаи ҳамла як нафар ҷон бохта, ду каси дигар захмӣ шудаанд.

Қароргоҳи марказии "Хотам-ул-анбиё" ҳамлаи Амрикоро "таҷовуз" хонда, хушдор дод, ки ба он посухи қотеъ дода мешавад. Дере нагузашта Сипоҳи посдорони Эрон хабар дод, ки дар посух ба ҳамлаҳои Амрико бо амалиёти мушакию паҳподӣ пойгоҳҳои низомии ИМА дар Баҳрайн ва Кувайтро ҳадаф қарор додааст.

Вазорати корҳои дохилии Баҳрайн ҳамлаҳоро тасдиқ карда, аз шаҳрвандон хост, ки оромиро нигоҳ доранд ва ба маконҳои амн паноҳ баранд. Артиши Кувайт низ аз талош барои роҳгирии ҳамлаҳои мушакӣ ва паҳподӣ хабар дод.

Ин ҳодисаҳо дар ҳоле рух доданд, ки як рӯз пеш Амрико таҳримҳои нафтӣ алайҳи Эронро дубора барқарор кард. Доналд Трамп, раисҷумҳури ИМА гуфт, ки тафоҳумнома ва оташбас бо Эрон "тамом шуд".

# ҶЕКСОН-ВЭНИК

## ИМА Тоҷикистонро аз сояи мероси Шуравӣ озод мекунад?

**Масъалаи лағви иловаи қонуни “Ҷексон-Вэник” нисбат ба Тоҷикистон бори дигар ба рӯзномаи муносибатҳои Душанбе ва Вашингтон баргашт. Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон рӯзи 1-уми июл хабар дод, ки Сироҷиддин Муҳриддин, вазири корҳои хориҷии кишвар дар доираи сафараш ба Амрико ин мавзуро бо Брайан Маст, раиси Кумитаи корҳои хориҷии Палатаи намояндагони Конгресси Иёлоти Муттаҳида баррасӣ кардааст.**



### МОНЕАИ ҲАМКОРИИ ИҚТИСОДӢ

Дар шумораи гузаштаи хафтаномаи “Тоҷикистон” дар мавриди сафари вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин ба Амрико ва натиҷаи он сафар гузориши муфассал нашр шуда буд. Вале дар он матлаб як нуктаи муҳими ин сафар сарфи назар шудааст. Он ҳам лағви иловаи қонуни “Ҷексон-Вэник” нисбат ба Тоҷикистон аст. Ҷузъиёти гуфтугӯи Сироҷиддин Муҳриддин бо Брайан Маст маълум нест ва посухи ҷониби Амрико низ ба мо номаълум аст. Аммо худи ба миён гузошта шудани мавзуъ нишон медиҳад, ки Душанбе талош дорад яке аз монеаҳои кӯҳна, вале ҳанӯз таъсиргузори муносибатҳои иқтисодӣ бо Амрикоро аз миён бардорад.

### “ҶЕКСОН-ВЭНИК” ЧӢ МАЪНӢ ДОРАД?

Иловаи “Ҷексон-Вэник” соли 1974 ба Қонуни тиҷорати ИМА ворид шуд. Он замон ҳадафи асосӣ фишор овардан ба Иттиҳоди Шуравӣ буд, то шаҳрвандон, аз ҷумла яҳудиён ва дигар ақаллиятҳо ҳақи озоди муҳоҷират дошта бошанд. Ин санад ба кишварҳое дахл мекард, ки иқтисоди ғайрибозорӣ доштанд ва ба озодии ҳаракати шаҳрвандон монеа мегузоштанд. Бо гузашти беш аз ним аср, вазъияти сиёсиву иқтисодии ҷаҳон комилан дигар шуд. Иттиҳоди Шуравӣ дигар вуҷуд надорад, аксари кишварҳои пасошуравӣ истиқлол ёфта, равобити мустақил бо ИМА барқарор кардаанд. Қирғизистон, Украина, Молдова, Арманистон, Гурҷистон ва Русия дар солҳои гуногун аз зери амали ин илова хориҷ шуданд. Аммо Тоҷикистон, Ӯзбекистон, Қазоқистон, Туркманистон ва Озарбойҷон то ҳол дар доираи ин санад боқӣ мондаанд.

### ТАЪСИР БА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН

Барои Тоҷикистон ин конун маънои тахрими пурраи иқтисодӣ надорад. Ин нуктаро бояд равшан гуфт, зеро дар фазои иттилоотӣ баъзан Ҷексон-Вэник ҳамчун “манъи тиҷорат бо Амрико” фаҳмида мешавад. Дар амал, Тоҷикистон бо ИМА савдо мекунад, мол ворид ва содир мешавад, барномаҳои кумакрасонӣ идома доранд ва ширкатҳо имкони ҳамкорӣ доранд. Аммо фарқ дар он аст, ки Тоҷикистон мақоми доимии муносибатҳои муқаррарии тиҷоратӣ ё PNTR надорад. Иёлоти Муттаҳида ҳар сол метавонад ба Тоҷикистон мақоми муваққатии муносибатҳои одии тиҷоратӣ диҳад, вале ин мақом кафолати доимӣ нест. Маҳз ҳамин “муваққатӣ” будани вазъ мушкили аслӣ аст. Барои сармоягузор, махсусан ширкатҳои бузурге, ки ба соҳаҳои дарозмуддат - маъдан, энергетика, инфрасохтор, логистика ё саноат ворид мешаванд, пешбинишаванда будани қонун муҳим аст. Вақте муносибатҳои тиҷоратӣ ба бозбинии солона вобаста мемонанд, ин барои соҳибкорони амрикоӣ як сатҳи иловагии хавфи сиёсӣ эҷод мекунад. Шояд ин хатар дар амал ҳар сол ба бухрон табдил нашавад, аммо худи мавҷудияти он барои муҳити сармоягузорӣ муҳим аст.

### СЕ МАНФИАТ БА ТОҶИКИСТОН

Барои Тоҷикистон лағви Ҷексон-Вэник чанд манфиат дорад.

**Аввал,** Тоҷикистон аз як санади кӯҳнаи марбут ба даврони Шуравӣ хориҷ мешавад. Ин аз лиҳози сиёсӣ муҳим аст, зеро кишвар дигар набояд дар доираи қонуне боқӣ монад, ки аслан барои фишор ба Иттиҳоди Шуравӣ таҳия шуда буд.

**Дуюм,** равобити иқтисодӣ бо ИМА ба сатҳи устувортар мегузарад.

**Сеюм,** барои ширкатҳои амрикоӣ паёми мусбат фиристода мешавад, ки Тоҷикистон омодаи ҳамкории дарозмуддат ва қоидаҳои пешбинишаванда аст.

Аммо набояд интизор дошт, ки лағви як қонун ба таври худкор ҳаҷми савдои Тоҷикистону Амрикоро чанд баробар зиёд мекунад, вале он заминаи ҷалби сармоя, густариши робитаҳои хусусӣ ва фаъол шудани ширкатҳои амрикоиро фароҳам созад. Барои Амрико низ масъала танҳо тиҷорат нест, балки ҳузури фаъолтар дар кишварҳои Осиёи Марказӣ муҳимтар аст. Соли 2023 сенатори амрикоӣ Крис Марфи низ пешниҳод карда буд, ки ИМА бояд ин санади кӯҳнаро нисбат ба Тоҷикистон, Қазоқистон ва Ӯзбекистон бозбинӣ намояд. Қонуни мазкурро фақат Конгресс метавонад лағв созад.

**Д. Қодирпур**

# ОЗОДИИ АВВАЛИН АВФШУДАГОН

**Рӯзи 6-уми июл дар Тоҷикистон татбиқи амалии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи афв” оғоз шуд. Бар асоси ин қонун гурӯҳи аввалини маҳкумшудагон - 2 ҳазору 979 нафар аз чанд муассисаи ислоҳии кишвар ба озодӣ бромаданд. Дар миёни озодшудагон 297 нафар зан ҳастанд.**

Ба иттилои Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати адлия, ки онро АМИТ “Ховар” нашр кард, ин маҳкумшудагон аз зиндонҳои шаҳри Норак, Ваҳдат, ноҳияи Ёвон ва Дӯстӣ озод шудаанд.

Ин нахустин ҳолати раҳоии дастаҷамъии зиндониён пас аз қабули Қонуни нави афв ба шумор меравад. Қонуни мазкур ба муносибати 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон қабул шуда, ба ҳазорон нафаре, ки дар зиндонҳо, муассисаҳои сукунатӣ ё тахти ҷазоҳои дигари ба маҳрумият аз озодӣ алоқаманд набуда карор доранд, дахл мекунад.

Қонун “Дар бораи афв” 16-уми июни соли 2026 аз ҷониби вакилони Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Тоҷикистон қабул ва ҳамон рӯз аз ҷониби Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон имзо шуд. Тибқи иттилои расмӣ, ин қонун дар маҷмӯъ ба 18 ҳазору 38 нафар татбиқ мешавад. Аз ин шумора 11 ҳазору 305 нафар аз ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ, муассисаҳои сукунатӣ ва ҷазоҳои дигари ба маҳрумият аз озодӣ алоқаманд набуда озод мешаванд. Муҳлати адонагардидаи ҷазои 6 ҳазору 733 нафари дигар кам карда мешавад.

Қонун нисбат ба занон ва ноболиғон имтиёзҳои бештар пешбинӣ кардааст. Аз 507 зане, ки дар муассисаҳои ислоҳӣ адои ҷазо мекунанд, 248 нафар аз адои боқимондаи ҷазо озод гардида, нисбат ба 259 нафари дигар муҳлати ҷазо кам карда мешавад. Ҳамчунин, аз 134 ноболиғ 99 нафар ба озодӣ мебароянд ва муҳлати ҷазои 35 нафари дигар коҳиш меёбад.

*Аз нишастҳои матбуотӣ*

**Ҳоло дар мақомоти давлатӣ ва худидоракунии шаҳрак ва деҳот 18 ҳазору 921 нафар хизматчиёни давлатӣ фаъолият доранд. Теъдоди ҷойҳои холии хизмати давлатӣ 3940 адад ё 17,2 фоизро дар бар мегирад.**



Дар ин бора 7-уми июл зимни нишасти матбуотӣ **Илёс Идрисзода**, директори Агентии хизмати давлатии назди Президенти Тоҷикистон иттилоъ дод. Шумораи занон дар хизмати давлатии шаҳрвандӣ ба 4816 нафар ё 25,4 фоизи шумораи умумии хизматчиёни давлатӣ расидааст. Аз 6203 нафар кадрҳои роҳбарикунанда 1168 нафарро занон ташкил медиҳанд.

**Дар 6 моҳи соли равон дар Тоҷикистон қариб 22 ҳазору 933 дона тухми паранда бинобар ҷавобгӯ набудан ба талаботи байторию беҳдоштӣ аз муомилот гирифта, нобуд карда шудааст.**



Дар ин хусус зимни нишасти матбуотӣ **Файзуллозода Муҳаммадсаид**, раиси Кумитаи бехатарии озуқаворӣ назди Ҳукумати Тоҷикистон иттилоъ дода шуд. Инчунин, дар 6 моҳ 1 ҳолати барангезандаи бемории пастереллёзи чорвои майда, 2 ҳолати барангезандаи бемории Қарасон ва дар 14 ҳолати дигар барангезандаи бемории хорӣ дар кишвар ба қайд гирифта шудааст.

**Дар Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Тоҷикистон омодасозии мутахассисон аз рӯйи 31 ихтисос ба роҳ монда шудааст. Дар ин бора Даврон Сафарзода, ректори Академияи мазкур иттилоъ дод.**



Айни замон академия бо 17 ташкилоти байналмилалӣ ва 33 муассисаҳои таҳсилоти олии касбии хориҷӣ ҳамкорӣ дорад. Инчунин, академия аз соли таҳсили 2021-2022 барномаи муштараки магистрии «1+1»-ро бо Донишгоҳи Авруосиёии ба номи Л. Н. Гумилёв аз рӯйи ихтисоси «Ҳуқуқи байналмилалӣ» ба роҳ мондааст.

# МАКТАБИ ШАШМАҚОМ

## Чаро таъсиси он дар Тоҷикистон муҳим аст?



**ТАЪСИСИ МАКТАБИ МАХСУСГАРДОНИДАШУДАИ ШАШМАҚОМ НА ТАНҲО БА МАНФИАТИ ҶОМЕАИ МУСИҚӢ, БАЛКИ БА ҲАДАФҲОИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ФАРҲАНГӢ НИЗ МУВОФИҚАТ МЕКУНАД. СУХАН ТАНҲО ДАР БОРАИ КУШОДАНИ ЯК МУАССИСАИ НАВИ ТАЪЛИМӢ НЕ, БАЛКИ ДАР БОРАИ ТАШАККУЛИ МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҲИФЗ ВА РУШДИ ЯКЕ АЗ БУЗУРГТАРИН ДАСТОВАРДҲОИ ФАРҲАНГИ ТОҶИК МЕРАВАД.**



Имрӯз масъалаи ҳифз ва рушди Шашмақом аҳамияти хоса пайдо кардааст. Шашмақом ҳамчун шоҳкори эътирофшудаи фарҳанги мусиқии халқи тоҷик ва ҷузъи муҳими мероси фарҳангии ғайримоддии ҷаҳонӣ на танҳо ба муносибати эхтиёткорона ва эҳтиром ниёз дорад, балки ҳамчунин таъсиси низоми муосири тахсилоти касбиро тақозо менамояд, ки тавонад идомаи анъанаҳои иҷроиро таъмин намуда, насли нави мутахассисонро омода созад.

Идеяи таъсиси мактаби махсусгардонидашудаи Шашмақом дар шаҳри Душанбе натиҷаи фаъолияти бисёрсолаи эҷодӣ, илмӣ ва омӯзгории мо, инчунин таҷрибаи фаъолияти Академияи мақом мебошад, ки солҳо боз ба омӯзиш, ҳифз ва тарғиби ин санъати нодир машғул аст. Дар тӯли солҳои зиёд масъалаи зарурати таъсиси чунин муассисаи таълимӣ аз ҷониби мо борҳо матраҳ гардидааст. Имрӯз равшан мегардад, ки шаклҳои мавҷудаи омодасозии мутахассисон барои ҳифзи пурраи ин анъана дигар кофӣ нестанд.

Шашмақом танҳо як навъи санъати мусиқӣ нест. Он низоми мукаммали донишҳои маънавӣ, фалсафӣ, шеърӣ ва иҷроист, ки дар тӯли садсолаҳо ташаккул ёфтааст. Аммо дар шароити имрӯза бисёре аз унсурҳои он ба таври пароканда интиқол мёбанд ва баъзе анъанаҳо тадриҷан аз байн рафта истодаанд. Аз ин рӯ, таъсиси маркази махсуси таълимӣ зарур аст, ки дар он низоми қадимаи интиқоли дониш «устод - шогирд» бо технологияҳои муосири педагогӣ ба таври ҳамоҳанг пайваст гардад.

Чунин мактаб бояд на танҳо иҷрокунандагони сатҳи баланди касбӣ, балки мусиқишиносон, муҳаққиқон, омӯзгорон, бойгоншиносон ва мутахассисони соҳаи ҳифзи мероси фарҳангиро низ омода намояд. Фаъолияти он бояд самтҳои таълимӣ, илмӣ, консертӣ ва маърифатиро дар бар гирад.

Таъсиси мактаби махсусгардонидашудаи Шашмақом на танҳо ба манфиати ҷомеаи мусиқӣ, балки ба ҳадафҳои сиёсати давлатии фарҳангӣ низ мувофиқат мекунад. Сухан танҳо дар бораи кушодани як муассисаи нави таълимӣ намеравад, балки дар бораи ташаккули маркази миллии ҳифз ва рушди яке аз бузургтарин дастовардҳои фарҳанги тоҷик меравад.

Албатта, татбиқи чунин лоиҳа омодагии ҷиддиро талаб мекунад. Зарур аст, ки консепсияи мактаб, барномаҳои муосири таълимӣ таҳия гардида, ҳайати омӯзгорӣ ташаккул ёбад ва масъалаҳои таъминоти моддию техникӣ ҳал карда шаванд. Вале бо дастгирии давлат, ҷомеаи илмӣ ва зиёиёни эҷодӣ татбиқи ин лоиҳа комилан имконпазир аст.

Албатта, мавҷудияти бинои махсус барои рушди минбаъдаи мактаби Шашмақом шарти муҳим буда, ба лоиҳа мақоми хос мебахшад. Аммо оғози кор бояд на аз сохтмони бино, балки аз ташкили худи низоми таълим оғоз гардад. Аллакай дар марҳилаи аввал мактаби Шашмақом метавонад дар заминаи муассисаҳои амалкунандаи фарҳангӣ ва маориф фаъолияти худро ба роҳ монад. Ин имкон медиҳад, ки омодасозии мутахассисон оғоз ёфта, ҳайати омӯзгорӣ ташаккул ёбад, барномаҳои таълимӣ таҳия гарданд ва заминаи устувори ташкилӣ ва илмии Маркази миллии ояндаи Шашмақом гузошта шавад.

Дар оянда бошад, таъсиси маҷмааи мустақили мактаби Шашмақом дар шаҳри Душанбе аҳамияти бузург хоҳад дошт. Дар он метавон синфхонаҳои таълимӣ, толори консертӣ, китобхона, бойгонӣ, осорхона ва маркази таҳқиқотиро муттаҳид намуд. Чунин муассиса на танҳо як пойгоҳи таълимӣ, балки рамзи таваҷҷуҳи давлат ба мероси миллии мусиқӣ хоҳад гардид.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ самаранокии чунин иқдомҳоро ба таври возеҳ нишон медиҳад. Дар Ӯзбекистон мактабҳои махсуси мақом, Институти давлатии санъати миллии мусиқии ба номи Юнус Раҷабӣ ва шабакаи марказҳои мақом бомуваффақият фаъолият мекунанд. Дар Озарбойҷон низоми бисёрзинагии омӯзиши муғом аз мактабҳои мусиқӣ то марказҳои махсуси фарҳангӣ ва муассисаҳои тахсилоти олии тахассусӣ ташаккул ёфтааст. Дар Чин Маркази дувоздаҳ мақоми уйғур ва Театри мақомҳои уйғур дар шаҳри Урумчӣ фаъолият доранд. Муассисаҳои ба ин монанд ҳамчунин дар Туркия, Эрон, Ҳиндустон ва як қатор кишварҳои арабӣ вуҷуд доранд.

Ҳадафи асосии лоиҳаи пешниҳодшаванда танҳо таъсиси як муассисаи дигари таълимӣ нест. Вазифаи он хеле васеътар мебошад - таъмини интиқоли комили мусиқии классикии миллии Шашмақом ба наслҳои оянда, ташкили низоми устувори тахсилоти касбӣ ва таҳқиқоти илмӣ, инчунин ташаккули мактаби муосири миллии омодасозии мутахассисон.

Дар ин раванд тарбияи ҷавонон аҳамияти махсус дорад. Омӯзиш бояд аз синни барвақт оғоз шуда, маҳорати амалии иҷроиро бо омӯзиши амиқи таърих, назария, шеърият, фалсафа ва асосҳои маънавии Шашмақом пайваст намояд. Қисми ҷудонашавандаи раванди омодагӣ бояд иштироки шогирдон дар консертҳо, фестивалҳо, конфронсҳои илмӣ ва вохӯриҳои эҷодӣ бошад, зеро чунин таҷриба ба онҳо на танҳо барои такмили маҳорати иҷроӣ, балки барои дарки масъулияти худ дар ҳифзи ин мероси нодир мусоидат мекунад. Танҳо муносибати ҳамаҷониба, ки бар ҳамоҳангсозии низоми анъанавии «устод-шогирд» бо технологияҳои муосири таълимӣ асос ёфтааст, метавонад на танҳо иҷрокунандагони касбӣ, балки ҳомилон ва идомадиҳандагони воқеии анъанаи бузурги Шашмақомро тарбия намояд. Таъсиси мактаби махсусгардонидашудаи Шашмақом дар шаҳри Душанбе қадами муҳим дар рушди фарҳанги миллӣ, таҳкими ҳувияти фарҳангии Тоҷикистон ва баланд бардоштани нуфузи байналмилалии санъати мусиқии классикии тоҷик хоҳад буд.

**Абдувалӣ АБДУРАШИДОВ,**
**Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, номзади илмҳои санъатшиносӣ**

---

*Аз нишастҳои матбуотӣ*

**Театри миллӣ 9-уми сентябри соли равон ба фаъолият оғоз менамояд. Дар ин хусус вазири фарҳанги кишвар Матлубахон Сатториён зимни нишасти матбуотӣ хабар дод.**



Ёдрас мешавем, ки хишти аввали сохтмони Театри миллӣ ҳанӯз соли 2015 гузошта шуда буд, вале бо сабаби ҷой доштани мушкилиҳои молиявӣ соли 2017 сохтмонаш боздошта шуд. Моҳи июли соли 2024 сохтмони театр дубора оғоз ёфт. Расман Театри миллӣ моҳи декабри соли 2025 таъсис ёфта, моҳи январи соли 2026 Манучеҳр Шарифзода аввалин роҳбари он таъин гашт.

**Дар Тоҷикистон боз як шабакаи нави телевизион ба фаъолият шурӯъ мекунад. Дар ин хусус 6-уми июл раиси Кумитаи телевизион ва радиои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Носир Саид иттилоъ дод.**



Тавре **Носир Саид** зикр намуд, шабакаи нави телевизион бо дастури Сарвари давлат таъсис дода шуда, ҳадафи он омӯзиши забонҳои хориҷӣ мебошад. Барномаҳои ин шабака махсус ба омӯзиши забонҳои гуногуни хориҷӣ нигаронида мешаванд.

**Дар Тоҷикистон «Маҷмааи бостонии Бибихонум» таъсис дода мешавад. Дар ин бора Шералӣ Хоҷазода, директори Агентии ҳифзи мероси таърихию фарҳангии назди Ҳукумати Тоҷикистон иттилоъ дод.**



Маҷмааи мазкур дар минтақаи Бохтари вилояти Хатлон таъсис дода мешавад. Бибихонум яке аз занҳои фаъоли давраи асримиёнагии халқи тоҷик мебошад. Дар маркази маъмурии вилояти Хатлон - шаҳри Бохтар эхё намудани «Маҷмаи бостонии Бибихонум» бо ҷалби дигар ёдгориҳои таърихию фарҳангии минтақа, ба муаррифии ёдгориҳои таърихию фарҳангӣ, ҳифз, омӯзиш ва таҳқиқи онҳо мусоидат хоҳад намуд.

# АЗ ИНТЕРНЕТИ БОСИФАТ ТО 5G

## Тоҷикистон чӣ ҳадаф дорад?

**Рушди инфрасохтори рақамӣ, густариши интернети босифат ва ҷорӣ намудани технологияи 5G аз ҳадафҳои асосии Стратегияи рушди соҳаи алоқаи Тоҷикистон то соли 2040 мебошанд. Масъулон мегӯянд, ки татбиқи ин стратегия метавонад Тоҷикистонро ба яке аз марказҳои муҳими транзити рақамии Осиёи Марказӣ табдил диҳад.**



### СТРАТЕГИЯИ РУШДИ СОҲАИ АЛОҚА

Дар Тоҷикистон Стратегияи рушди соҳаи алоқа барои давраи то соли 2040 таҳия ва қабул гардид. Ҳадафи стратегия фароҳам овардани заминаи устувор барои рақамикунонии иқтисод, беҳтар намудани сифати хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ, густариши инфрасохтори рақамӣ, баланд бардоштани дастрасии аҳолӣ ба интернети босифат ва таҳкими соҳибихтиёрии рақамии кишвар мебошад. Аммо таҷрибаи ҷаҳон нишон медиҳад, ки ҳатто беҳтарин стратегияҳо дар сурати набудани фаҳмиши дурусти ҷомеа ва ҳамкории муассири давлат бо воситаҳои ахбори омма натиҷаи дилхоҳ диҳанд.

Имрӯз интернет, хизматрасониҳои рақамӣ, амнияти киберӣ, тиҷорати электронӣ, таҳсили фосилавӣ ва хукумати электронӣ ба қисми ҷудонашавандаи зиндагии ҳар шаҳрванд табдил ёфтаанд.

Маҳз ҳамин масъала меҳвари асосии семинари омӯзишӣ таҳти унвони «Нақши ВАО дар инъикос ва фаҳмондадиҳии ҳадафҳои стратегии соҳаи алоқа» гардид. Семинар рӯзҳои 4-5-уми июли соли равон бо ташаббуси Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Муассисаи давлатии «Маҷаллаи Алоқа» дар Осоишгоҳи «Сароб» баргузор шуд.

Дар кори он журналистон ва масъулини Хадамоти алоқа иштирок намуданд.

Тавре дар семинар таъкид гардид, рушди соҳаи алоқа имрӯз танҳо масъулияти як ниҳод нест. Ин раванд ба ҳамкории мақомоти давлатӣ, бахши хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва пеш аз ҳама расонаҳо ниёз дорад.

### ҲАДАФҲОИ АСОСИИ СТРАТЕГИЯ

Дар семинар муовини якуми сардори Хадамоти алоқа Парвиз Нориён ду ҳадафи асосии стратегияро ном бурд:

Якум, таъмин намудани хизматрасонии босифат ва дастрас.

Дуюм, бунёди инфрасохтори муосир ва боэътимод.

«Мо ҳадаф дорем, ки Тоҷикистон ба маркази транзити рақамии Осиёи Марказӣ табдил ёбад»,- гуфт ӯ дар семинар.

Ба таъкиди Парвиз Нориён, ҷаҳон бо суръати баланд ба сӯйи рақамикунонӣ ҳаракат дорад ва тасаввур кардани суръати ин раванд осон нест. Технологияҳои рақамӣ пайваста тағйир меёбанд ва имрӯз қариб ҳар соҳа, аз тандурустӣ ва маориф то тиҷорат, молия ва идоракунии давлатӣ ба онҳо такя мекунанд.

Ба гуфтаи ӯ, агар кишвар аз ин раванд ақиб монад, паёмадҳои иқтисодии он ҷиддӣ хоҳанд буд. Ҳол он ки яке аз ҳадафҳои асосии Ҳукумати кишвар рақамикунонии иқтисодиёт мебошад ва дар ин раванд соҳаи алоқа нақши калидӣ дорад.

«Талаботи мардум ба интернет сол ба сол бештар мешавад. Ҷавонон, мақомот, корхонаҳо ва сохторҳои давлатӣ мехоҳанд интернети босифат, зуд ва дастрас дошта бошанд. Ин талабот пайваста меафзояд»,- гуфт номбурда.

Ҳамчунин, ӯ таъкид кард, ки ҳоло миёни шаҳру ноҳияҳо нобаробарии рақамӣ ба назар мерасад.

«Масалан, дар шаҳри Душанбе ва дигар шаҳрҳои калон хизматрасонӣ нисбатан беҳтар аст. Аммо дар минтақаҳои дурдаст вазъ фарқ мекунад. Агар ин масъала бартараф нашавад, он метавонад ба нобаробарии иҷтимоӣ сабаб гардад»,- зикр намуд Нориён.

Хадамоти алоқа ҳадаф гузоштааст, ки то соли 2030-юм 60 дарсади аҳолӣ ба интернети собит дастрасӣ дошта бошанд. «Талош дорем, ки тамоми деҳаҳоро бо интернети собит таъмин намоем»,- гуфт Парвиз Нориён.

Бино ба маълумоти Хадамоти алоқа, ҳоло шумораи муштариёни алоқаи мобилӣ дар Тоҷикистон ба 7,8 миллион ва истифодабарандагони интернет ба 5,2 миллион нафар расидааст. Муштариёни интернети собит 135 ҳазор нафарро ташкил медиҳанд.

### АЗ 5G ТО АМНИЯТИ КИБЕРӢ

Яке аз мавзуҳои сермуҳокимаи семинар масъалаи ҷорӣ намудани технологияи насли панҷуми алоқа - 5G буд. Баъзан дар ҷомеа чунин тасаввур вуҷуд дорад, ки 5G танҳо барои тезтар шудани интернет лозим аст. Дар асл, ин технология заминаи рушди иқтисоди рақамӣ, нақлиёти муосир, тиби фосилавӣ ва саноати автоматикунонидашуда мебошад.

Парвиз Нориён гуфт, мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистон метавонад дар оянда имкон диҳад, ки кишвар ба яке аз марказҳои муҳими транзити рақамӣ дар минтақа табдил ёбад. Ин самт метавонад сармоягузории нав, ҷойҳои корӣ ва манбаъҳои иловагии даромадро низ фароҳам оварад.

Бо густариши технологияҳои рақамӣ таҳдидҳои нав низ ба миён меоянд. Ҳамлаҳои киберӣ, дуздии маълумот, қаллобии электронӣ ва истифодаи ғайриқонунии захираҳои рақамӣ имрӯз ба яке аз мушкилоти ҷиддии ҷаҳон табдил ёфтаанд.

Дар семинар масъалаҳои ҳифзи инфрасохтори рақамӣ, амнияти киберӣ ва соҳибихтиёрии рақамӣ аз мавзуҳои асосии баҳсҳо буданд.

**(Давомаш дар саҳ. 11)**



# ПРЕЗИДЕНТ ДАР СУҒД

## Аз ифтитоҳи корхонаҳои нав то содироти маҳсулот ба хориҷ

**«САФАРИ КОРИИ ПРЕЗИДЕНТИ МАМЛАКАТ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ВИЛОЯТИ СУҒД 7-УМИ ИЮЛ БО ҲАДАФИ ШИНОСОӢ БО ВАЗЪИ ЗИНДАГИИ МАРДУМ, ҶАРАЁНИ КОРҲОИ ОБОДОНИВУ СОЗАНДАГӢ, ИФТИТОҲИ ИНШООТИ ИҶТИМОӢ, ИҚТИСОДӢ, САНОАТӢ ВА КИШОВАРЗӢ ОҒОЗ ГАРДИД. ИН САФАР ДАР ОСТОНАИ ТАҶЛИЛИ 35-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИ ДАВЛАТӢ СУРАТ МЕГИРАД.**



### НОҲИЯИ АЙНӢ

#### АЗ САНОАТИ КӮҲӢ ТО МУАССИСАҲОИ ИҶТИМОӢ

Боздиди кории Сарвари давлат аз ноҳияи Айнӣ оғоз ёфт. Нахуст Президенти мамлакат корхонаи металлургии сурмаро дар назди Ҷамъияти саҳомии пӯшидаи «Талко Голд» мавриди истифода қарор дод. Ин корхона бо технологияҳои муосири истеҳсолӣ муҷаҳҳаз буда, иқтидори солонаи он то 5 ҳазор тонна коркард ва истеҳсоли металли сурмаро ташкил медиҳад.

ҶСП «TALCO Gold» барои азхудкунӣ ва коркарди кони тилову сурмаи Канчоч таъсис ёфтааст. Захираҳои ин кон беш аз 23 миллион тонна маъдан, наздик ба 50 тонна тило ва зиёда аз 265 ҳазор тонна сурмаро дар бар мегирад. Дар корхона 200 сокини маҳаллӣ бо кори доимӣ таъмин мешаванд. Барои соли 2026 истеҳсоли маҳсулот ба маблағи 1 миллиарду 539 миллион сомонӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар ҳамин ҷо бо иштироки Сарвари давлат барои бунёди боз як корхонаи металлургӣ санги асос гузошта шуд. Корхонаи нав бо иқтидори солонаи истеҳсоли 2 тонна тило то моҳи августи соли 2027 ба истифода дода мешавад. Ҳамчунин, Сарвари давлат супориш дод, ки роҳи 32-километра аз шоҳроҳ то корхонаи сурмаи «Талко Голд» ва мавзеи сайёҳии Искандаркӯл то моҳи сентябри соли 2027 пурра мумфарш карда шавад.

Инчунин, дар ноҳияи Айнӣ 10 иншоот ба таври фосилавӣ мавриди истифода қарор гирифтанд. Иншоот асосан ба соҳаҳои маориф, тандурустӣ, фарҳанг, варзиш ва муқаддасоти миллӣ марбут буда, аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ ва соҳибкорони маҳаллӣ бунёд шудаанд.

Аввал бинои муассисаи таълимӣ дар деҳаи Фатмеви деҳоти Рарз барои 320 хонанда дар як баст ба истифода дода шуд. Баъдан Муассисаи томактабии рақами 12 дар деҳаи Такфони деҳоти Анзоб ифтитоҳ гардид, ки барои 120 кӯдак пешбинӣ шуда, 8 мутахассисро бо кор таъмин мекунад. Ин муассиса дорои 7 синфхона, 2 ҳуҷраи корӣ, ошхона ва дигар иншооти ёрирасон мебошад.

Иншооти навбатӣ Муассисаи таҳсилоти томактабии «Фурӯғи фардо» барои 120 кӯдак буд. Ин муассиса бо саҳми Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияи Айнӣ, соҳибкорон ва сокинони маҳаллӣ тариқи ҳашар бунёд шудааст. Ҳамзамон Муассисаи таҳсилоти томактабии «Гулшан» барои 80 кӯдак ба истифода дода шуд. Ин муассиса аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Меҳрон Давронзода сохта шудааст.

Дар идомаи ифтитоҳҳои фосилавӣ Беморхонаи минтақавӣ бо 18 ҳуҷраи корию муолиҷавӣ ва 20 кати табобатӣ мавриди истифода қарор гирифт. Бо ифтитоҳи он 20 мутахассиси ҷавон соҳиби ҷойи кор шуданд. Ҳамчунин Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 37 ба номи Қаландар Солеҳов дар шаҳраки Зарафшон, бинои иловагии Муассисаи таҳсилоти томактабии рақами 4 дар ҳамин шаҳрак, толори варзишӣ, майдони Парчами давлатӣ ва Боғи фарҳангию фароғатии ба номи Шоҳ Исмоили Сомонӣ ба истифода дода шуданд.

### НОҲИЯИ ШАҲРИСТОН

#### ОБЁРӢ, КАРТОШКАПАРВАРӢ ВА РУШДИ САЙЁҲӢ



Баъди ноҳияи Айнӣ Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Шаҳристон ташриф овард. Дар ин ҷо нахуст хати оби полезӣ барои обёрии заминҳои картошка ифтитоҳ гардид. Ин хат аз масофаи 500 метр бо лӯлаҳои полиэтиленӣ оварда шуда, барои обёрии беш аз 200 гектар замини картошка истифода мешавад.

Ҳамчунин, Сарвари давлат бо лоиҳаи азхудкунии 601 гектар замини корами лалмию чарогоҳ барои кишти картошка дар ҳудуди деҳаҳои Ваҳдат, мавзеи Овчӣ, Себзор ва Ободӣ шинос шуд. Заминҳои нав тавассути 25 чоҳи амудӣ обёрӣ карда мешаванд. Кишоварзони ноҳия мақсад доранд, ки истеҳсоли картошкаро то 100 ҳазор тонна расонанд.

Ҳамзамон Пешвои миллат бо лоиҳаи обёрии 1007 гектар замин дар ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ шинос шуд. Ин лоиҳа дар се деҳа - Оббурдон, Ҳадишаҳр ва Падаск амалӣ гардида, тибқи дурнамо 822 гектар майдони кишти картошка пурра обёрӣ мешавад. Манбаи асосии обёрӣ дарёи Зарафшон мебошад.

Дар ноҳияи Шаҳристон 7 иншооти иқтисодию иҷтимоӣ ба таври фосилавӣ ба истифода дода шуд. Аввал фаъолияти Коргоҳи истеҳсоли обҳои ташнагишикани «Оби Баҳор» дар мавзеи Хуррамдара оғоз ёфт. Дар ин иншоот 20 сокини маҳаллӣ бо кори доимӣ таъмин шудаанд.

Иншооти дигар Ҳавзи моҳипарварии ҶДММ «Технологияи сохтмон» дар деҳаи Чилҳуҷра мебошад. Ҳавз барои парвариши 5 ҳазор гулмоҳӣ пешбинӣ шуда, беш аз 10 нафарро бо ҷойи кор таъмин мекунад. Ҳамчунин Парваришгоҳи дарахтони нодир дар мавзеи Хуррамдара оғоз ба фаъолият кард. Он дар масоҳати беш аз 5 гектар бунёд гардида, дар он зиёда аз 7500 дарахти нодиру ороишӣ ва сояафкан парвариш меёбад.

Дар соҳаи маориф Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №22 дар деҳаи Чилҳуҷра барои 240 ҷойи нишаст ва Муассисаи таҳсилоти томактабии «Шукуфаҳои Истиқлол» дар деҳаи Шаҳристон барои 240 кӯдак ифтитоҳ шуданд. Дар ҳар ду муассиса беш аз 80 нафар, аз ҷумла омӯзгорону парасторон ба кор оғоз карданд. Ҳамчунин марказҳои саломатӣ дар деҳаҳои Ваҳдат ва Саробӣ мавриди истифода қарор гирифтанд, ки дар онҳо беш аз 20 корманди тиб хизмат мерасонанд.

Дар ҳамин ноҳия Президенти мамлакат бо лоиҳаи сармоягузорӣ барои бунёди комплекси сайёҳии «Шаҳристон - эко резорт» шинос шуданд. Ин маҷмааи сайёҳӣ дар мавзеи Хуррамдара дар масоҳати 15 гектар, дар чор марҳила ва то ҷашни 40-солагии Истиқлоли давлатӣ бунёд мегардад. Дар доираи лоиҳа сохтмони танаброҳ ба масофаи зиёда аз 5 километр ва меҳмонхона барои қабули 1000 сайёҳ дар як вақт пешбинӣ шудааст. Пас аз анҷом 100 нафар бо кори доимӣ таъмин мешаванд.





## НОҲИЯИ ДЕВАШТИЧ

### ТАНДУРУСТӢ, МАОРИФ, САНОАТ ВА ОБЁРӢ

Идомаи сафари корӣ дар ноҳияи Деваштич сурат гирифт. Дар деҳаи Далёни Боло Сарвари давлат бинои нави Беморхонаи марказии №6-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд. Ин муассисаи тиббӣ дорои 4 шуъба ва 40 кати хоб буда, бо таҷҳизоти муосир, аз ҷумла дастгоҳи сабти баркии дил, дастгоҳи нафасдиҳии сунъӣ, ташхиси ултрасадо, таҷҳизоти безараргардонӣ ва маҷмуи асбобҳои ҷарроҳӣ таъмин шудааст. Бо ифтитоҳи беморхона 30 табиби соҳибтахассус бо кори доимӣ таъмин шуданд. Ин муассиса ба 14 ҳазору 384 сокини деҳаҳои Далёни Боло, Обиборик, Қалъачаи Арбоб ва Навобод хизмат мерасонад.

Дар ин ноҳия 12 иншооти гуногун ба таври фосилавӣ ифтитоҳ гардиданд. Дар корхонаи «Ҳаҷмис» хати нави технологӣ ба истифода дода шуд, ки иқтидори солонаи истеҳсоли хиштро аз 5 миллион ба 10 миллион дона расонид.

Иншооти дигари саноатӣ коргоҳи дӯзандагӣ ва қолинбофӣ дар деҳаи Далёни Боло мебошад. Дар коргоҳ асосан либосхои мактабӣ, либосхои занона, мардона ва варзишӣ истеҳсол карда мешаванд.

Дар соҳаи маориф чанд муассисаи нав мавриди истифода қарор гирифтанд. Ду муассисаи таҳсилоти томактабӣ дар деҳаи Далёни Боло барои то 300 кӯдак, муассисаи томактабӣ дар деҳаи Чӯянчии деҳоти Ваҳдат барои 80 кӯдак, муассисаи томактабӣ дар деҳаи Дархони деҳоти Исмоили Сомонӣ барои 40 кӯдак ба истифода дода шуданд.

Ҳамчунин, Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 44 дар деҳаи Далёни Поён барои 640 хонанда дар як баст, Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 28 дар деҳаи Сурхоби деҳоти Исмоили Сомонӣ барои 480 хонанда дар ду баст, Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 69 дар деҳаи Панҷбоғ барои 350 хонанда дар ду баст ифтитоҳ гардиданд.

Дар соҳаи тандурустӣ Марказди саломатии рақами 7-и деҳаи Ҳазорчашма баъди таъмир ба истифода дода шуд. Дар соҳаи фарҳанг бошад, бинои нави хонаи фарҳанг дар деҳаи Хӯҷаҳои деҳоти Исмоили Сомонӣ ва деҳаи Муҷун ифтитоҳ гардид.

Инчунин, дар Деваштич хати нави оби полезӣ бо дарозии 12 километр дар деҳаи Далёни Боло ба истифода дода шуд. Ин лоиҳа бо маблағгузории Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Суғд амалӣ гардидааст. Бо ба истифода додани ин хат майдони кишти картошка ба 800 гектар расонида шуда, замина барои истеҳсоли беш аз 200 ҳазор тонна маҳсулоти кишоварзӣ дар оянда фароҳам мегардад. Ин хати обёрӣ беш аз 2000 сокини маҳаллиро бо кори доимӣ ва мавсимӣ таъмин хоҳад кард. Сарвари давлат супориш дод, ки майдони кишти картошка дар ноҳия то 10 ҳазор гектар расонида шавад.

## НОҲИЯИ БОБОҶОН ҒАФУРОВ

### КОРКАРДИ ГАНДУМ, РОҲСОЗӢ ВА ТИБИ ХУСУСӢ

8-уми июл Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба ноҳияи Бобоҷон Ғафуров ташриф овард. Дар ин ҷо нахуст коргоҳи нави истеҳсоли орд барои макарон дар назди ҶДММ «Ирода Инвест» ба фаъолият оғоз кард. Иншоот бо сармояи дохилӣ бунёд гардида, иқтидори коркарди то 200 тонна гандумро дар як шабонарӯз дорад.

Дар назди корхона инчунин сехи нави механикӣ барои таъмир, нигоҳдорӣ ва хизматрасонии техникии таҷҳизоти истеҳсолӣ бунёд шудааст. Роҳбари корхона азм гирифтааст, ки аз ҳисоби даромадҳои ширкат як муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии замонавӣ барои 2500 хонанда дар ду баст бунёд кунад.

Дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров 4 иншооти дигар ба таври фосилавӣ ифтитоҳ шуданд. Аввал фаъолияти корхонаи ҶДММ «Суғдроҳсоз» дар деҳоти Ғозиён оғоз гардид. Дар корхона истеҳсоли асфалт, бетон, регу шағал ба роҳ монда шудааст.



Баъдан корхонаи истеҳсоли хишти ҶДММ «Шарифов Н» дар деҳоти ба номи Додобой Холматов ба истифода дода шуд. Иқтидори он дар як моҳ то 700 ҳазор дона хишт аст. Ҳамчунин, Муассисаи таҳсилоти томактабии №11 дар деҳоти Унҷӣ барои 300 кӯдак мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Дар деҳоти Унҷӣ Президенти мамлакат бинои нави маъмурии Маркази солимгардонии «Соҳили Унҷӣ»-ро ифтитоҳ бахшид. Ин марказ аз ҷониби соҳибкор Абдулло Абдуллоев бунёд гардидааст. Дар он шуъбаҳои қабул, ҳуҷраҳои хоб, физиотерапия, асаб, бемориҳои занона ва дилу рагҳои хунгард фаъолият мекунанд.

## ШАҲРИ ХУҶАНД

### АЗ ИФТИТОҲИ БИНОҲОИ МАЪМУРӢ ТО КОРХОНАИ МОШИНБАРОРӢ





Дар шаҳри Хуҷанд Сарвари давлат бинои нави маъмурии Суди вилояти Суғдро мавриди истифода қарор дод. Ҳамчунин дар ин бино Суди ҳарбии гарнизони Хуҷанд ва Суди иқтисодии вилояти Суғд ҷойгир шудаанд.

Пас аз ифтитоҳи бинои суд Президенти мамлакат ба таври фосилавӣ 4 иншооти дигарро дар шаҳри Хуҷанд ва ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ ба истифода дод. Аз ҷумла, сардхонаи муосири ҶДММ «Лидер» бо иқтидори нигоҳдории 3000 тонна маҳсулоти ҳӯрокворӣ ба фаъолият оғоз кард. Ин иншоот барои нигоҳдории маҳсулоти кишоварзӣ ва таъмини бозор дар тамоми фаслҳои сол пешбинӣ шудааст. Ҳамчунин, корхонаи истеҳсоли дастпӯшакҳо дар шаҳри Хуҷанд, бинои нави шуъбаи бақайдгирӣ ва имтиҳонҳои Шуъбаи бозрасии давлатии автомобилии Раёсати ВКД дар вилояти Суғд ва бинои нави Прокуратураи ноҳияи Кӯҳистони Мастчоҳ ба истифода дода шуданд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон дар Минтақаи озоди иқтисодии Суғд марҳилаи дуюми ҶДММ «Сайри Суғд»-ро ифтитоҳ намуд. Ин корхона аз ҷониби бародарон Умаровҳо сохта шуда, асосан ба истеҳсоли мошинҳои хурди баркии боркашонӣ, дучарха ва 18 намуд бозичаи кӯдакона равона шудааст. Дар марҳилаи нав бо ҷалби зиёда аз 100 коргари маҳаллӣ ҳар моҳ 250 мошини хурди баркӣ, 15 ҳазор дучарха ва 30 ҳазор бозича истеҳсол мешавад. 70 фоизи маҳсулоти тайёр ба хориҷи кишвар содирот мегардад.

Муассиси корхона соҳибкор Мирзо Умаров баъди тавсияи Пешвои миллат дар моҳи ноябри соли 2024 бо истифода аз имтиёзҳои андозиву гумрукии Минтақаи озоди иқтисодии Суғд технологияи муосирро аз хориҷ ворид намуда, истеҳсоли мошинҳои хурди баркиро бо бренди «Сайр моторс» ба роҳ мондааст. Ин мошинҳо бо як бор пур кардани барқ то 100 километр ҳаракат мекунанд ва беш аз 1 тонна бор мебардоранд.



**ЁДОВАР МЕШАВЕМ, КИ САФАРИ КОРИИ ПРЕЗИДЕНТИ КИШВАР ЭМОМАЛӢ РАҲМОН БА ВИЛОЯТИ СУҒД ИДОМА ДОРАД. ОНРО ДАР СОМОНАИ PRESSA.TJ ПАЙГИРӢ НАМОЕД.**

**ТОҶИКОНИ МУВАФФАҚ ДАР РУСИЯ**

*Чеҳраҳое, ки миёни ду кишвар пул месозанд*

# СОҲИБКОРЕ, КИ ИНФРАСОХТОРИ ЛОГИСТИКИИ РУСИЯРО МЕСОЗАД



**ДАР БАЙНИ СОҲИБКОРОНИ ТОҶИКЕ, КИ ДАР ФЕДЕРАТСИЯИ РУСИЯ БА ДАСТОВАРДҲОИ БУЗУРГ НОИЛ ШУДААНД, НОМИ ДИЛОВАР МУҲИДДИНОВ БО ЭҲТИРОМ ЗИКР МЕШАВАД. Ӯ АЗ ҶУМЛАИ ОН СОҲИБКОРОНЕСТ, КИ НУФУЗИ ХУДРО НА БО ТАБЛИҒ, БАЛКИ БО СОХТАНИ ИНФРАСОХТОРИ ВОҚЕӢ, ИДОРАКУНИИ САМАРАНОКИ ТИҶОРАТ ВА МАСЪУЛИЯТИ ИҶТИМОӢ БА ДАСТ ОВАРДААСТ.**



*Диловар Муҳиддинов*

### АЗ ВЛАДИВОСТОК ТО ЯКЕ АЗ МАРКАЗҲОИ БУЗУРГИ ЛОГИСТИКИИ РУСИЯ

Фаъолияти соҳибкории Диловар Муҳиддинов ҳанӯз дар солҳои 90-уми асри гузашта аз шаҳри Владивосток оғоз ёфт. Дар он давра ӯ ба ҳамлу нақли баҳрӣ, интиқоли молҳои зудвайроншаванда ва логистикаи автомобил машғул буд. Маҳз ширкати ӯ аз аввалинҳо шуда дар Русия интиқоли автомобилҳоро дар контейнерҳои ҳаҷман калон (Super High Cube) ба роҳ монд, ки барои бозори нақлиётии он солҳо як навоварии ҷиддӣ махсуб мешуд.



Бо гузашти солҳо фаъолияти ӯ ба як гурӯҳи бузурги логистикӣ табдил ёфт.

Имрӯз ширкати сарпарасти гурӯҳ - «Общие логистические решения» идоракунии тамоми дороиҳои логистикии ӯро ба зимма дорад. Ба ҳайати гурӯҳ Маркази терминалӣ-логистикии «Чехов», шабакаи роҳи оҳани дохилӣ бо дарозии 46 километр, депои локомотивҳо ва вагонҳо, инчунин як қатор иншооти истеҳсоливу логистикӣ дохил мешаванд. Дар ин марказ борҳои контейнерӣ қабул, барасмиятдарории гумрукӣ, ташкили қатораҳои контейнерӣ ва хизматрасонии пурраи логистикӣ анҷом дода мешавад.




### «МИЛЛИАРДҲО САРМОЯГУЗОРӢ КАРДЕМ»

Ҳангоми мусоҳиба бо нашрияи тахассусии InfraNews дар соли 2026 аз Диловар Муҳиддинов пурсида шуд, ки барои рушди Маркази логистикии «Чехов» чӣ қадар маблағ сарф шудааст?

Ҷавоби ӯ кӯтох, вале пурмазмун буд: «Миллиардҳо. Ҳатто ҳоло маблағи дақиқашро гуфта наметавонам. Рушди терминал раванди беохир аст. Доимо бояд сармоягузорӣ кард».

Ба гуфтаи ӯ, логистика танҳо ҳамлу нақли бор нест, балки пеш аз ҳама сохтани инфрасохторест, ки даҳсолаҳо хизмат мекунад. Аз ҳамин сабаб қисми зиёди даромади ширкат боз ба рушди терминал, таҷҳизоти нав ва инфрасохтори роҳи оҳан равона мешавад.

### МАРКАЗЕ, КИ ЧЕҲРАИ ЛОГИСТИКАИ РУСИЯРО ДИГАР МЕКУНАД

Имрӯз Терминали логистикии «Чехов» аз муҳимтарин марказҳои коркарди контейнерҳо дар вилояти Маскав ба ҳисоб меравад.

Дар он ҷо барасмиятдарории гумрукӣ, қабул ва фиристодани қаторахои контейнерӣ ба тамоми самтҳои Русия ва кишварҳои АвруОсиё анҷом дода мешавад. Соли 2026 ин терминал дар ҳамкорӣ бо Роҳи оҳани Русия (РЖД) аввалин шуда технологияи нигоҳдории платформаҳои контейнериро дар се қабат ҷорӣ намуд, ки истифодаи самараноки майдонҳои терминалро таъмин мекунад.

### КУМАК БА ВАТАН

Диловар Муҳиддинов танҳо соҳибкор нест. Дар зодгоҳаш - ноҳияи Фархор ӯ бо маблағҳои шахсӣ мактаби замонавии сеошёна, маркази тиббӣ, беморхона, таваллудхона, роҳҳои автомобилгард ва дигар иншооти иҷтимоиро бунёд кардааст. Барои сохтмони танҳо як мактаб беш аз як миллион доллар сарф шудааст.

Фалсафаи зиндагии ӯ дар як ҷумла ифода ёфтааст: «Мо он ҷо, ки фаъолият мекунем, ҳамон ҷо низ кумак мекунем».

Ин шиор имрӯз яке аз принсипҳои асосии фаъолияти иҷтимоии ӯ ба ҳисоб меравад.

### НУФУЗЕ, КИ БО КОР БА ДАСТ ОМАДААСТ

Диловар Муҳиддинов аз ҷумлаи соҳибкороне нест, ки ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи расонаҳо бошанд. Ӯ бештар сохтани корхона, терминал ва инфрасохторро аз мусоҳибаҳои зиёд авлотар медонад.

Шояд маҳз ҳамин хислат боис шудааст, ки ӯ имрӯз дар байни соҳибкорони тоҷик ва ҷомеаи логистикии Русия ҳамчун роҳбари боэътимод, сармоягузори стратегӣ ва шахси масъули иҷтимоӣ шинохта шавад.

Муваффақияти Диловар Муҳиддинов танҳо дар сохтани як империяи логистикӣ нест. Арзиши воқеии фаъолияти ӯ дар он аст, ки сарватро ба рушди истеҳсолот, инфрасохтор ва зиндагии мардум табдил додааст.

Аз ҳамин рӯ, ҷой гирифтани ӯ дар раддабандии «15 тоҷики бонуфузтарини Русия» на танҳо натиҷаи дастовардҳои соҳибкорӣ, балки эътирофи саҳмаш дар рушди иқтисоди Русия ва обрӯи тоҷикон дар хориҷ аз кишвар мебошад.

**(Идома дорад)**

**Таҳия, тарҷума ва такмили Шариф Ҳамдампур**

# САРВАЗИР ДАР ХАТЛОН

**(Аввалаш дар саҳ. 2)**



Дар хоҷагӣ истифодаи пӯшиши плёнкавӣ ба роҳ монда шудааст, ки ба беҳтар шудани нашъунамои зироат мусоидат мекунад.

Дар ноҳияи Ҷайҳун Қоҳир Расулзода аз чараёни сохтмони нерӯгоҳи барқии офтобӣ бо иқтидори 250 мегаватт дар деҳаи Кӯҳдоман дидан намуд. Ин лоиҳа дар доираи сиёсати рушди «иқтисоди сабз», истифодаи манбаъҳои барқарорнашавандаи энергия ва таҳкими амнияти энергетикии кишвар амалӣ мешавад. Нерӯгоҳи мазкур дар асоси Созишномаи сармоягузорӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкати Ayon Energy бунёд гардида, қисми барномаи сармоягузории 250-миллиондоллари барои сохтмони ду нерӯгоҳи офтобӣ дар ноҳияҳои Ҷайҳун ва Ашт мебошад.

Дар ҳамин ноҳия Сарвазир аз боғи писта ва бодоми ҶДММ «Маркази яклухти Хатлон» дар деҳаи Озодӣ боздид кард. Ин ҷамъият аз соли 2020 дар масоҳати 50 гектар боғ бунёд намудааст, ки 38 гектари онро пистаи навъи «Узунатет» ва 12 гектари дигарро бодоми навъи «Шоҳона» ташкил медиҳад. Роҳбарии ҷамъиятро Ниёзов Мирзоюсуф Бобоевич ба ухда дошта, дар он 10 нафар ба таври доимӣ фаъолият мекунанд. Таъкид шуд, ки рушди чунин боғҳо барои истифодаи самараноки заминҳои камҳосил, афзоиши маҳсулоти содиротӣ ва беҳтар намудани вазъи муҳити зист аҳамияти муҳим дорад.

Дар шаҳри Бохтар Сарвазир ба сохтмони зеристгоҳи барқии 110/35/10 киловолтии «Ваҳдат» ва хатҳои интиқоли барқи 110 киловолт ҳусни оғоз бахшид. Иншоот дар маҳаллаи Истиқлол, дар масоҳати




1,95 гектар бунёд мешавад. Фармоишгар ва пудратчии сохтмон ҶСК «Шабакаҳои интиқоли барқ» буда, лоиҳаро Пажӯҳишгоҳи лоиҳакашии «Нурофар» таҳия кардааст. Арзиши пешакии лоиҳа 44 миллиону 845 ҳазору 860 сомониро ташкил медиҳад. Ҳадафи он коҳиш додани сарбории хатҳои мавҷуда ва беҳтар намудани таъминоти барқ дар шаҳри Бохтар мебошад.

Дар Бохтар ҳамчунин тарабхонаи бренди байналмилалии KFC дар маҳаллаи Умари Хайём мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт. Иншоот аз ҷониби ҶДММ «Маззаи Нав», шарики расмии KFC дар Тоҷикистон бунёд шудааст.

Сарвазир ва раиси вилояти Хатлон Давлаталӣ Саид дар маҳаллаи «Ҳоҷӣ Шариф»-и шаҳри Бохтар аз ҷараёни омодагӣ ба асфалтпӯшкунии роҳҳои дохилӣ дидан намуданд.

Корҳо бо ташаббус ва маблағгузории соҳибкори маҳаллӣ Ҳайдаров Асомиддин амалӣ шуда, 3,8 километр роҳ бо паҳноии 6 метр барои асфалтпӯшкунӣ омода гардидааст.

Дар ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ Сарвазир аз корҳои азнавсозӣ ва мумфаршкунии роҳи байни деҳаҳои Чорбоғ ва Сайроб боздид намуд. Дарозии умумии роҳ 14,7 километр буда, он бо ташаббуси соҳибкорони маҳаллӣ ва саҳмгузории сокинон таҷдид мешавад. То имрӯз 3,7 километр роҳ бо маблағи 2 миллиону 200 ҳазор сомонӣ мумфарш гардида, барои иҷрои пурраи лоиҳа 6 миллиону 700 ҳазор сомонӣ ҷамъоварӣ шудааст.

Дар ноҳияи Восеъ Қоҳир Расулзода дар деҳаи Гулистон роҳи 4-километраи мумфаршшударо мавриди истифода қарор дод. Барои татбиқи ин лоиҳа, ки бо саҳми соҳибкорони ватанӣ ва сокинон амалӣ шудааст, 3 миллион сомонӣ масраф гардидааст. Ҳамчунин дар деҳаи Сурхдараи ҷамоати деҳоти Миралиобод Сарвазир аз сохтмони муассисаи томактабӣ барои 150 кӯдак дидан кард. Иншоот бо маблағи беш аз 10 миллион сомонӣ аз ҷониби «Лоиҳаи рушди барвақтии кӯдакон барои густариши сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бунёд мешавад.

# АЗ ИНТЕРНЕТИ БОСИФАТ ТО 5G

**(Аввалаш дар саҳ. 7)**

Бахтиёр Нодиров, муовини сардори Раёсати таъмини амнияти иттилоотии Хадамоти алоқа гуфт, ки амнияти киберӣ танҳо вазифаи мақомоти давлатӣ нест. Ба гуфтаи ӯ, баланд бардоштани фарҳанги истифодаи технологияҳои рақамӣ низ ба ҳамин андоза муҳим мебошад.

«Имрӯз қаллобон дар интернет зиёд шудаанд. Киберқаллобон кӯшиш мекунанд бо ҳар роҳ маълумоти муштариёнро ба даст оранд. Онҳо тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ маълумоти бардурӯғ паҳн карда, худро шахси боэътимод вонамуд мекунанд. Баъзан бо як паёмак метавонанд ба ҳамёнҳои мобилӣ дастрасӣ пайдо карда, маблағро аз корти бонкӣ тасарруф кунанд. Аз ин рӯ, шаҳрвандон набояд пайвандҳои шубҳанокро боз кунанд»,- гуфт ӯ.

Ба таъкиди Бахтиёр Нодиров, фишинг бештар тавассути Telegram ва WhatsApp паҳн мешавад. Қаллобон бо ваъдаи тӯҳфа, бурд ё пешниҳоди ҷолиб корбаронро ба саҳифаҳои қалбакӣ ҷалб мекунанд. Вақте шахс чунин пайванд ё барномаи шубҳанокро боз мекунад, қаллоб метавонад ба саҳифа, маълумот ва ҳатто дохили телефони ӯ дастрасӣ пайдо намояд.

«Мо чанде аз чунин барнома ва пайвандҳоро масдуд кардем»,- изҳор намуд ӯ.

Яке аз муҳимтарин натиҷаҳои семинар таъсиси «Клуби журналистони соҳаи алоқа ва иқтисоди рақамӣ» буд. Ин иқдом метавонад ба ташаккули журналистикаи соҳавӣ мусоидат намояд. Зеро имрӯз дар ҷаҳон журналистикаи иқтисодӣ, экологӣ ва технологӣ ҳамчун самтҳои мустақил рушд кардаанд. Тоҷикистон низ ба рушди чунин журналистика ниёз дорад. Мавҷудияти клуб имкон медиҳад, ки рӯзноманигорон мунтазам бо коршиносон мулоқот кунанд,



донишҳои худро такмил диҳанд ва ба ҷомеа маълумоти саҳеҳу таҳлилӣ пешниҳод намоянд. Дар маҷмуъ, семинари мазкур нишон дод, ки рушди соҳаи алоқа танҳо масъалаи техникӣ нест. Ин раванд баояндаи иқтисод, сифати зиндагии мардум, амнияти иттилоотӣ ва мавқеи Тоҷикистон дар фазои рақамии минтақа вобаста мебошад. Агар ҳадафҳои пешбинишуда амалӣ шаванд, Тоҷикистон дар солҳои наздик ба яке аз марказҳои муҳими транзити рақамӣ дар Осиёи Марказӣ табдил меёбад.

**Усмон РАҲИМЗОДА**

*Аз нишастҳои матбуотӣ*

**Дар 6 моҳи аввали соли ҷорӣ, танҳо тариқи Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе часади 16 шаҳрванди Тоҷикистонро ба ватан овардаанд. Дар ин бора Ҳабибулло Назарзода, директори Агентии ҳавонавардии Тоҷикистон дар нишасти матбуотӣ хабар дод.**



Дар ҳамин ҳол, намояндаҳои ин ниҳод иддао карданд, ки дар ним соли гузашта тариқи се фурудгоҳи дигари кишвар “ягон тобут оварда нашудааст”. Маълум нест, ки дар ним сол теъдоди тобутҳое, ки тариқи роҳи заминӣ ба Тоҷикистон оварда шудаанд, чӣ қадар аст. Бояд гуфт, ки дар шаш моҳи аввали соли 2025 танҳо тариқи Фурудгоҳи Душанбе тобути 569 шаҳрванди Тоҷикистонро ба ватан оварда буданд.

**Дар доираи омодагӣ ба ҷашни 35-солагии Истиқлоли давлатӣ аз 29 ҳазору 518 иншооти ба нақша гирифташуда то 1-уми июни соли 2026 дар саросари кишвар 31 ҳазору 377 иншооти таъиноти гуногуни иҷтимоӣ, яъне аз нақша зиёд сохта ба истифода дода шудаанд.**



Дар ин бора зимни нишасти матбуотӣ **Камолиддин Муминзод**, раиси Кумитаи рушди маҳали назди Президенти Тоҷикистон иттилоъ дод. Ӯ гуфт, ки дар натиҷа беш аз 57 ҳазору 151 ҷойи нави корӣ таъсис дода шуда, иҷрои нақша 106,3 фоизро ташкил додааст.

**Дар шаш моҳи соли ҷорӣ дар 55 деҳа, маҳалла ва шаҳракҳои ҳудуди шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, вилоятҳои Хатлон ва Суғд тадқиқоти муҳандисӣ-геологӣ гузаронида шудааст.**



Дар ин хусус зимни нишасти матбуотӣ **Илҳомҷон Оймуҳаммадҷонзода,** сардори Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хабарнигорон иттилоъ дод. Ӯ гуфт, ки дар натиҷа ба 142 хоҷагӣ барои аз ҷойҳои хавфнок ба ҷойи бехавф кӯчонидан пешниҳод дода шудааст.

# ОФТОБЗАДАГӢ ЧӢ ХАТАР ДОРАД?

**Бо фаро расидани рӯзҳои гарми тобистон хатари офтобзадагӣ бештар мешавад. Гарчанде тобистон фасли истироҳат, сафар ва гаштугузор аст, аммо мондан дар зери нурҳои сӯзони офтоб метавонад барои саломатӣ оқибатҳои нохуш дошта бошад. Хусусан дар рӯзҳое, ки ҳарорати ҳаво баланд аст, инсон бояд нисбат ба ҳолати ҷисми худ бепарво набошад.**



### НИШОНАҲОИ БЕМОРӢ

Офтобзадагӣ вақте рух медиҳад, ки одам муддати тӯлонӣ дар зери таъсири бевоситаи офтоб қарор мегирад. Дар чунин ҳолат организм аз ҳад зиёд гарм шуда, фаъолияти муътадили он халалдор мегардад. Аз таъсири гармӣ гардиши хун дар майнаи сар тез мешавад ва ҳамин ҳолат метавонад боиси дарди сахти сар, чарх задани сар ва ҳатто беҳушӣ гардад.

Нишонаҳои аввалини офтобзадагӣ одатан дарди сар, дилбеҳузурӣ, қайкунӣ, сустшавии дасту пой, беҳолӣ, зиёд шудани арақ, ташнагии шадид ва хира шудани чашм мебошанд. Дар баъзе ҳолатҳо дарунрав, баланд шудани ҳарорати бадан ва аз хуш рафтани шахс низ мушоҳида мешавад. Агар ба чунин нишонаҳо сари вақт аҳамият дода нашавад, ҳолати бемор вазнин шуда метавонад.

### БА КӢ ХАТАР ДОРАД?

Ҳавои гарм ва офтобзадагӣ махсусан барои шахсоне, ки ба фишорбаландии шараёнӣ, бемориҳои дилу раг, бемориҳои шуш ва роҳҳои нафас гирифтор мебошанд, хатарнок аст. Кӯдакон, пиронсолон, занони хомила ва нафароне, ки дар кӯча, саҳро, сохтмон ё бозор кор мекунанд, низ бештар осебпазиранд. Аз ин рӯ, ин гурӯҳҳо бояд дар рӯзҳои гарм эҳтиёткории бештар намоянд.

Нурҳои сӯзони офтоб ба пӯсти инсон низ таъсири манфӣ мерасонанд. Мондани зиёд дар офтоб метавонад боиси сӯхтани пӯст, пайдо шудани доғҳои сиёҳ, хушкшавии пӯст ва пиршавии пеш аз мӯҳлат гардад. Табибон ҳушдор медиҳанд, ки таъсири зиёди нурҳои офтоб дар дарозмуддат метавонад хатари гирифторӣ ба бемориҳои вазнини пӯст, аз ҷумла саратони пӯст ва меланомаро зиёд кунад.

### ЧӢ БОЯД КАРД?

Барои пешгирӣ аз офтобзадагӣ пеш аз ҳама бояд аз гаштугузори нодаркор дар соатҳои гармтарини рӯз худдорӣ кард. Одатан аз соатҳои 11 то 16 таъсири офтоб шадидтар мешавад. Дар ин вақт беҳтар аст инсон дар ҷойи соя, хона ё муҳити салқин қарор гирад. Ҳангоми берун баромадан пӯшидани либоси сабуки пахтагин, кулоҳи офтобӣ ва айнаки муҳофизатӣ тавсия мешавад.

Нӯшидани оби кофӣ низ аҳамияти калон дорад. Дар рӯзҳои гарм набояд мунтазири ташнагӣ шуд; беҳтар аст об кам-кам, вале пайваста нӯшида шавад. Истеъмоли нӯшокиҳои хеле ширин, газнок ва серкофеин метавонад ташнагӣ ва хушкшавии баданро зиёд кунад. Агар шахс нишонаҳои офтобзадагиро эҳсос кунад, бояд фавран ба ҷойи соя ё салқин гузарад, либосашро каме озод намояд, рӯй ва гарданашро бо оби хунук тар кунад ва об нӯшад. Агар ҳолат вазнин бошад ё шахс беҳуш шавад, бояд ҳатман ба ёрии таъҷилӣ муроҷиат кард.

Риояи ин қоидаҳои одӣ метавонад инсонро аз оқибатҳои ногувори гармии шадид эмин нигоҳ дорад. Тобистон зебост, аммо саломатӣ аз ҳар гуна гаштугузор муҳимтар аст.



## ГУЛКАРАМ ХӮРУ ЛОҒАР ШАВ!

**Меваю сабзавот ба саломатии инсон, махсусан кӯдакон ва занону духтарон фоидаҳои зиёде дорад. Имрӯз, ки фасли тобистон аст, дар полиз ва бозорҳои кишварамон меваю сабзавот фаровон аст, ҳарчи бештар аз ин неъматҳои табиат истифода баред, то солимтару бардамтар гардед.**

*Имрӯз мо ба шумо - хонандагони азиз дар бораи чанд фоидаи гулкарам маълумот медиҳем.*

1. Дар қиёс бо карами одӣ дар таркиби гулкарам ду-се баробар бештар витамину минералҳои барои саломатии инсон зарурӣ мавҷуд буда, ба сӯзонидани калорияҳои зиёдатӣ ва об шудани равғани бадан мусоидат менамояд. Онҳое, ки гулкарамро дӯст медоранд, ба зудӣ аз фарбеҳӣ халос шуда, ҳимчамиён ва зебою дилкаш мегарданд.
2. Гулкарам барои ҷигар фоиданок буда, илова бар ин, сатҳи хормонҳои занонаи эстрогенро ба низом медорад.
3. Гулкарам бо бисёр касалиҳо, махсусан бо бемориҳои занона фаъолона мубориза бурда, хатари гирифтор шудан ба саратони гарданаи бачадон, саратони сина ва дигар омосҳоро пешгирӣ менамояд.
4. Шарбати гулкарам ба вораи дандонҳо фоида дорад.

## Толеънома


*Ҳамал*
*21.03 - 20.04*

Аввали ҳафта нақшаҳои муҳимро тартиб диҳед, зеро барои иҷрои корҳо қувваи кофӣ доред. Дар миёнаи ҳафта истироҳат ва беҳдошти саломатиро фаромӯш накунед. Эҳтимол аз манбаи ғайричашмдошт даромади иловагӣ ба даст оред.


*Саратон*
*22.06 - 23.07*

Ин ҳафта эҳсосоти худро бештар бо амал нишон диҳед, на бо сухан. Агар шахси наздикатон рӯҳафтода бошад, ӯро дастгирӣ кунед. Миёнаи ҳафта дар ягон кор шитоб накунед, вақт ҳама чизро ба ҷойи худ мегузорад. Ба масъалаҳои маънавӣ ва оромии ботинӣ таваҷҷуҳ кунед.


*Мизон*
*25.09 - 22.10*

Дар муносибатҳои шахсӣ ҳушёр бошед, зеро на ҳар кас бо нияти нек ба шумо наздик мешавад. Барои оғоз кардани лоиҳаҳои нав каме барвақт аст, аз маслиҳати шахсони ботаҷриба истифода баред. Ҳангоми суҳбат эҳсосотро идора кунед.


*Ҷаддӣ*
*22.12 - 20.11*

Давоми ҳафта нисбат ба шарики зиндагӣ сахтгир набошед, интиқоди зиёд метавонад ба муносибатҳо таъсири манфӣ расонад. Хабарҳои ғайричашмдошт нақшаҳои шуморо тағйир дода, яке аз наздикон ба дастгирии шумо ниёз пайдо мекунад.


*Савр*
*21.04 - 21.05*

Ин ҳафта ҳиссиёти ботинии шумо хеле қавӣ гашта, дар қабули қарорҳои дуруст кумак мекунад. Ба саломатӣ диққати бештар дода, худро аз ҳад зиёд хаста насозед. Дар муносибатҳои ошиқона сабру таҳаммул нишон диҳед, то баҳсҳо зуд хотима ёбанд.


*Асад*
*23.07 - 22.08*

Ҳафта бо мулоқотҳои хуш оғоз мешавад. Имкони пайдо кардани манбаи нави даромад ё кори дигар вуҷуд дорад. Агар нисбат ба касе меҳр дошта бошед, худатон қадами аввалро гузоред. Аз шахсони аз ҳад зиёд хушомадгӯ эҳтиёт шавед.


*Ақраб*
*23.10 - 22.11*

Ин ҳафта тамоми нерӯро ба як ҳадафи асосӣ равона кунед, то натиҷаи беҳтар ба даст оред. Шиносоии нав эҳтимол идомаи ҷиддӣ надошта бошад. Ба саломатӣ, махсусан ба буғумҳо диққат диҳед ва аз бардоштани бори вазнин худдорӣ кунед.


*Далв*
*21.01 - 19.02*

Аввали ҳафта метавонад бо даромади ғайричашмдошт оғоз шавад. Эҳтимоли ошиқ шудан зиёд аст, аммо эҳсосотро зери назорат нигоҳ доред. Барои оғоз кардани лоиҳа ё кори нав вақти муносиб фаро мерасад. Охири ҳафта бештар танҳо будан мехоҳед.


*Ҷавзо*
*22.05 - 21.06*

Ин ҳафта танҳо ба бахт такя накунед, балки барои расидан ба ҳадафҳо амал намоед. Агар муҷаррад бошед, беҳтараш диққатро ба корҳои хона равона кунед. Дар масъалаҳои молиявӣ бодиққат бошед ва ба наздикон вақт ҷудо кунед.


*Сунбула*
*23.08 - 22.09*

Ҳафта барои гуфтушунид, вохӯриҳои корӣ ва оғоз кардани корҳои нав хеле мусоид аст. Ростқавлӣ обрӯи шуморо боло мебарад. Миёнаи ҳафта бо дӯстони дерина вохӯред. Ба хешовандони солманд таваҷҷуҳ зоҳир намоед.


*Қавс*
*25.11 - 21.12*

Ин ҳафта орзуҳоятон метавонанд зуд амалӣ шаванд, бинобар ин боандеша ният кунед. Дар муносибат бо атрофиён мулоим бошед. Сабру таҳаммул ба шумо аз хатоҳои нолозим ҷилавгирӣ мекунад ва ҳатто шахсе, ки душман мепиндоштед, метавонад кумак расонад.


*Ҳут*
*20.02 - 20.03*

Давоми ҳафта худро пур аз нерӯ ва шавқу завқ эҳсос мекунед. Корҳоятон осон пеш мераванд ва нақшаҳо зуд амалӣ мешаванд. Барои оиладорон вақти муносиб аст, ки сафари муштаракро ба нақша гиранд. Охири ҳафта вазъи молиявӣ беҳтар мешавад.

# РИСОЛАТИ ЗИЁИИ АСИЛ



**ЗИЁӢ ШАХСЕСТ, КИ БО ИЛМУ ИРФОН, БО АХЛОҚ ВА МАФКУРА, БО АМАЛУ ЭЪТИҚОД ЗИНДАГӢ МЕКУНАД ВА БО ФИКРУ ҚАЛАМ, БО ХИДМАТ ВА ВИҶДОН БА МИЛЛАТ ХИДМАТ МЕКУНАД. ЗИЁӢ НА НОМ АСТ, НА УНВОН. ЗИЁӢ РИСОЛАТ АСТ.**




Нашри китоби рӯзноманигор, номзади илмҳои филологӣ Эҳсон Сафарзода бо номи «Зиёӣ» (Душанбе: «Меъроҷ-граф», 2026. - 176 саҳ.) барои аҳли илму мориф, муҳаққиқон ва алоқамандони таълиму тарбия туҳфаи хубест дар остонаи 35-солагии Истиқлоли давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Воқеан, муаллиф на танҳо бо таълифи ҳамин китоб, балки бо ҳимояи рисолаи номзадӣ дар мавзуи «Масъалаҳои ҳувияти миллӣ дар публитсистикаи Садриддин Айнӣ» (2019), нашри китобҳои «Устод Айнӣ ва ҳувияти миллӣ» (2018), «Садриддин Айнӣ - маорифпарвар» (2018), «Ҳувияти миллӣ дар осори публитсистии Садриддин Айнӣ» (2019), «Президент, истиқлол, ваҳдат, маориф» (2024), «Муаррифгари миллати тоҷик» (2024), «Нақши Иҷлосияи тақдирсози миллат ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳкими Истиқлоли давлатӣ» (2024), «Устод Айнӣ, таърих ва сиёсат» (2025) ва дигар китобу мақолаҳои то ба имрӯз таълифу нашркардааш ба масъалаҳои худшиносии миллӣ, истиқлолу ваҳдат, илму маориф таваҷҷуҳи хосе зоҳир намудааст.

Таълифу нашри китоби «Зиёӣ» заҳмату мушоҳидаҳои чандинсолаи муаллиф аст ва бо нашри ин китоб, муаллиф ҳамчун зиёӣ рисолати хешро дар ҷомеа иҷро намуда истодааст. Ба қавли академик М. Имомзода, «муаллиф солҳои зиёд ба омӯзиш, таҳқиқ ва пажӯҳиши масъалаҳои худшиносиву худогоҳии миллӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, таҳкими ҳувияти миллӣ ва рисолати зиёӣ дар ҷомеаи муосир машғул буда, тавонистааст масоили мазкурро бо таҳлилу баррасии амиқ шарҳу тавзеҳ бахшад» (с. 9).

Китоби «Зиёӣ» бо «Таҷрибаи давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: феномени зиёии роҳбар дар ҷомеаи муосир» оғоз мегардад ва дар он масоили зиёӣ ҳамчун мафҳуми фалсафӣ ва масъулияти таърихӣ (с. 9), бӯҳрони давлатдорӣ ва зарурати зиёии роҳбар: Тоҷикистон дар остонаи таърих (с. 16), ҷаҳонбинӣ, маърифат ва қудрат: зиёӣ ҳамчун меъмори сиёсати маънавӣ (с. 17), худшиносии миллӣ ҳамчун меҳвари сиёсати маънавӣ: аз дарки таърих то барномаи давлатдорӣ (с. 20), тарбияи насли наврас ҳамчун идомаи сиёсат: зиёӣ ва масъулияти фардо (с. 22), роҳбар ҳамчун зиёии амалкунанда (с. 24) мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Муаллиф зимни баррасӣ ва таҳқиқи масоили зикргардида феномени зиёиро дар шахсияти Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Роҳбар дар ҷомеаи муосир ба таври хеле мушаххас кушодааст ва таъкид намудааст, ки «дар шароити муосири ҷаҳонӣ, ки бисёр ҷомеаҳо ба бӯҳрони арзишҳо ва камранг шудани нақши зиёиён рӯ ба рӯ ҳастанд, таҷрибаи Тоҷикистон аҳамияти вижа пайдо мекунад. Ин таҷриба нишон медиҳад, ки зиёият метавонад аз доираи маҳдуд берун равад ва ба меҳвари давлатдорӣ табдил ёбад. Роҳбар метавонад, ҳамзамон, сиёсатмадор ва зиёӣ бошад, агар маърифатро аз қудрат ҷудо накунад» (с. 26). Яъне, қудрати маърифат дар давлатдорӣ ва рушди истиқлолу ваҳдат, худшиносӣ ва ҳувиятсозии миллӣ болотар аз ҳама қудратҳост.

Муаллиф ба таври мушаххас хулосабарорӣ намудааст, ки «вақте ки масъулият ба сатҳи роҳбарии давлатӣ мерасад, он метавонад сарнавишти миллату давлатро тағйир диҳад. Маҳз дар ҳамин нуқта раҳбар аз доираи сиёсат берун рафта, ба шахсияти таърихӣ ва зиёии асил табдил меёбад. Ва Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намунаи олитарини зиёӣ мебошанд!» (с. 26).

Дар қисмати «Душанбе - оинаи давлатдории миллӣ, Рустами Эмомалӣ - намояндаи зиёии насли ҷавон» (с. 27) муаллиф таҷрибаи қудрати маърифатро дар зимоми давлатдорию давлатсозӣ, ҳувияти миллию намунаи олии зиёӣ буданро дар заминаи мактаби давлатдории Пешвои миллат дар симои намояндаи зиёии насли ҷавон, яъне, муҳтарам Рустами Эмомалӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Дар қисмати мазкур симо ва фаъолияти Раиси шаҳри Душанбе ҳамчун зиёии намояндаи насли ҷавон, идомабахши рисолати зиёигарии Пешвои миллат мавриди баррасии муаллиф қарор гирифтааст. Дар бахшҳои Душанбе дар масири истиқлол (с. 28), Рустами Эмомалӣ ва модели нави идоракунии шаҳр (с. 29), симои зиёии насли нав (с. 30), дастовардҳои назаррас (с. 30), сиёсати иҷтимоӣ ва инсонпарварӣ (с. 31), фарҳанг ва ҳувияти миллӣ (с. 32), мукоисаи байналмилалӣ ва ҷойгоҳи Душанбе (с. 33) ташаббускориҳои як насли ҷавони даврони истиқлол ҳамчун зиёӣ ва машъалафрӯзӣ барои зиёиёни ҷавони даврони истиқлол таҷассум ёфтааст.

Ҳамчунин, муаллиф дар қисматҳои дигари китоб: «Тоҷикистон ба пеш!» - шиори имрӯз барои фардои дурахшон (ё чаро мо бояд Консепсияи худшиносии миллӣ дошта бошем» (с. 43), “Шинохти асолати миллӣ ва асолати ватандорӣ” (с. 53), “Маърифатмандӣ, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва рушди устувори Тоҷикистон дар меҳвари Паём” (с. 61), “Сафари кории Пешвои миллат ба ВМКБ: нақши стратегӣ, таҳкими давлатдорӣ ва рушди устувори минтақавӣ” (с. 78), “Сабақи таърих ва худшиносии миллӣ ё достони ватандорӣ” (с. 83), “Поягузори худшиносии миллӣ” (с. 106), “Аз ҳувияти миллӣ то худшиносии миллӣ” (с. 118), «Шоҳнома» ва эҳёи худшиносии миллӣ” (с. 127), “Кохи бузург ва муҷассамаи азими ниёгон” (с. 132), “Моҳияти миллию умумибашарии ҷашни Наврӯз” (с. 141), “Омӯзгор, хонанда ва эҳтироми гумшуда” (с. 158), “З-ин рӯ, бузург ҳастӣ, мисли падар муаллим!” (с. 167) аз нигоҳи як зиёӣ нисбат ба масъалаҳои зикргардида андешаронӣ намудааст, ки мутолиаи онҳо на танҳо ҷолиб аст, балки таҳрике мебахшад ба сӯйи зиёгарӣ шудани хонанда.

«Зиёӣ» номгузорӣ гардидани китоб аз ҷониби муаллиф басо рамзист. Зеро дар қисмати «Зиёӣ» (с. 149-157) муаллиф мафҳуми «зиёӣ»-ро (с. 149) шарҳу тафсир дода, оид ба масоили муҳим: зиёӣ - забоншинос (с. 150), зиёӣ - адабиётшинос (с. 151), зиёӣ - шоир ва нависанда (с. 152), зиёӣ - рӯзноманигор (с. 154), зиёӣ - олим (с. 155), зиёӣ - омӯзгор (с. 155), зиёӣ - ҳомии ақл ва зидди ҷаҳолат (с. 156) рисолати зиёиро ба таври мушаххас вобаста бо пешаи доштааш дар ҷомеа мавриди таҳқиқ қарор додааст. Яъне, забоншиносу адабиётшинос, шоир, нависанда, рӯзноманигор, олим ҳар яке дар ҷомеа рисолати зиёӣ доранд ва сарчашмаи зиёӣ шудан омӯзгор аст. Агар омӯзгор рисолати омӯзгории хешро бо рисолати зиёидоштааш якҷо намояд ё бисозад, қудрату рисолати зиёӣ дар ҷомеа афзун мегардад ва қимату манзалати зиёӣ дар ҷомеа баланд мегардад.

Дар баробари таснифот намудани рисолати зиёӣ вобаста ба касбу пешаҳо, муаллиф дар анҷоми хулосабарорӣ ба саволи «Зиёӣ кист?» чунин посух гуфтааст: «Зиёӣ шахсест, ки бо илму ирфон, бо ахлоқ ва мафкура, бо амалу эътиқод зиндагӣ мекунад ва бо фикру қалам, бо хидмат ва виҷдон ба миллат хидмат мекунад. Зиёӣ на ном аст, на унвон. Зиёӣ рисолат аст. Рисолати маърифат, ҳифзи забон, бедорсозии миллат, навсозии фарҳанг ва рушд бахшидани ҷомеа» (с. 157).

Ҳамин тавр, мутолиаи китоби «Зиёӣ»-и Эҳсон Сафарзода моро водор месозад, ки бо илму ирфон, бо ахлоқ ва мафкура, бо амалу эътиқод зиндагӣ намоем ва бо фикру қалам, бо хидмат ва виҷдон ба миллат хидмат намоем. Дар ҳифзи забон, бедорсозии миллат, навсозии фарҳанг ва рушд бахшидани ҷомеа саҳми муносибе дошта бошему ба рисолати зиёӣ будан шарафёб гардем.

**Қурбоналӣ РАҲИМОВ, корманди дастгоҳи Иттифоқи касабаи кормандони маориф ва илми ҶТ**

## МАВЛУДНОМА

### 9 ИЮЛ

**Светлана Андриевская** (1936), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

**Азиз Раҳим** (1941), 85-солагии зодрӯзи шоир.

**Нуралӣ Валӣ** (1956), 70-солагии шоир.

### 10 ИЮЛ

**Муҳиддин Камолов** (1951), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

**Ғаффор Каримов** (1941), 85-солагии зодрӯзи муаррих.

**Иброҳим Кобулиев** (1926-2000), 100-солагии зодрӯзи Ҳофизи халқии Тоҷикистон.

**Усмонҷон Обидов** (1941-1996), 85-солагии зодрӯзи доктори илми филологӣ.

**Кишвар Ризоев** (1946), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи иқтисод.

**Мулло Шамсиев** (1936), 90-солагии олими соҳаи биология.

### 11 ИЮЛ

**Валентина Бикова** (1936), 90-солагии зодрӯзи Журналисти шоистаи Тоҷикистон.

**Муаззам Диловаров** (1946), 80-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

**Ирина Кийко** (1936), 90-солагии зодрӯзи арбобзани фарҳангӣ, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

### 12 ИЮЛ

**Фазлиддин Икромов** (1966), 60-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

**Тоҷӣ Усмон** (1906-1968), 120-солагии зодрӯзи нависанда.

**Қудратулло Эшонов** (1956), 70-солагии зодрӯзи актёр, коргардон, драматург.

### 13 ИЮЛ

**Александр Мусаэлян** (1916-1989), 110-солагии зодрӯзи олими соҳаи техника.

**Басир Расо** (1931-2011), 100-солагии зодрӯзи шоир, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

**Бақо Содиқов** (1941), 85-солагии зодрӯзи коргардони кино, Ходими шоистаи ҳунари Тоҷикистон, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

### 14 ИЮЛ

**Анварбек Абдураҳмонов** (1936), 90-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

**Музаффар Азизов** (1956), 70-солагии зодрӯзи бостоншинос.

**Камол Афзалӣ** (1926-2000), 100-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи маданияти Тоҷикистон.

### 15 ИЮЛ

**Ҳомид Маҷидов** (1946), 80-солагии зодрӯзи доктори илми техникӣ, профессор, Ходими шоистаи илми Тоҷикистон.

**Қурбон Файзуллоев** (1936), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи кишоварзӣ.

## Аз идора

**Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?**

**ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!**

**Тел: 221-00-84**

ТЕЛЕФОНИ ШУЪБАИ ЭЪЛОН:
(+992) 93 111 08 87

### МЕФУРӮШАМ ҲАВЛӢ

➧ Ҳавлӣ, 5 дар хона, 3,5 сот. замин, канализатсия, евроремонт, дар ноҳияи Сино, бозори "Балх", 3 500 000 сомонӣ. Тел.: 93-542-06-94

Ҳавлии 2-ошёна бо таҳхона, 10 дар хона, 600 м.м., 5 сот замин, сауна, ҳуҷҷатҳояш 100%, Водонасос. Тел.: 90-305-04-80

### НИЁЗ ДОРЕМ

Дар ш. Бохтар маҳсгарбонувон лозиманд, маош аз 10 000 то 20 000 сомонӣ, таҷрибаи корӣ афзалият дорад (агар таҷрибаи корӣ набошад, метавонем омӯзонем). Тел.: 91-826-12-12

### ХИЗМАТРАСОНИИ ГУНОГУН

➧ Таъмири хона. Нархномаи миёна. Босифат. Тел.: 904-03-91-24

➧ Таъмири яхдон, бо кафолат. Тел.: 919-03-07-78, 934-65-89-54

➧ Газовик. Тел.: 988-61-10-57

### МЕФУРӮШАМ ГУНОГУН

➧ Дастгоҳи "Фрейзер", дар ҳолати беҳтарин қарор дорад. Нарх 12 000 сомонӣ. Боз мумила дорад. Телефон барои тамос: 917-33-15-64

### МЕХАРАМ ГУНОГУН

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобу анҷом, оҳан, коғаз, танга, нишон, ҳайкалча, мошинаи ҷомашӯӣ, мошинаи дарздӯзӣ, қолин, кондитсионерҳо, курпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001, 300-03-19-33

Зарфҳо, дегҳо, баллонҳои газӣ, асбобҳо, оҳан, коғаз, танга, нишон, ҳайкалча, мошинаи дарздӯзӣ, мошинаи ҷомашӯӣ, кондитсионерҳо, кӯрпача ва пахта мехарам. Тел.: 919-29-00-07, 003-777-001

### ЭЪТИБОР НАДОРАД

➧ Муҳри ҶДММ "Наврӯз 2017", РЯМ: 0410030849, РМА: 040052128, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➧ Шиносномаи техникӣ, рақами қайд №978, ба номи Беҳбудов Фахриддин, бо суроғаи ноҳияи Варзоб, ҷамоати Варзоб-қалъа, деҳаи Зимчуруд, аз санаи 17.09.2014, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➧ Шартномаи ҳадяи квартира таҳти феҳристи №1-9379 аз 30.12.2023, ки дар Идораи нотариалии давлатии ноҳияи Фирдавсӣ аз номи Ешонова Назирмох Магомедовна ба Мухамадаминов Анвар Хомидович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев 9, ҳ. 7 ба расмият дароварда шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➧ Шаҳодатномаи бақайдгирии давлатӣ, №1470, аз 14.04.2020, ба номи Беҳбудов Фахриддин, бо суроғаи ноҳияи Варзоб, ҷамоати Варзоб-қалъа, деҳаи Зимчуруд, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➧ Шиносномаи техникӣ ба номи Усмонов Шоҳимардон, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Ҷӯйбодом 37, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➧ Шартномаи №СД/М-191-1И оиди ҳиссагузории сохтмони хонаҳои истиқоматӣ аз санаи 07.06.2023, байни ҶДММ "Соҳиб Дуст" ва Норбутаев Нурмат Ҳасанович, бо суроғаи ш. Душанбе, н. Сино, к. Борбад, 89/1-101, 2-ҳуҷрагӣ, ошёнаи 14, Блоки А, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➧ Шиносномаи техникӣ ба номи Каримов Зиёрат Махмудович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Ғуломов 11, ҳ. 34, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➧ Аттестати синфи 11, Т-АТУ №1128172, ба номи Сафаралиев Маҳмуд Хуршедович, ки санаи 20.06.2023 аз Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи ҳарбии ба номи Тошмуҳаммад Мастонбекович»-и Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➧ Дафтари ҳавлӣ ба номи Авғонов Хайрулло Искандарович, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи И. Сомонӣ, кӯчаи Т. Пулодӣ 43, ҳ. 57, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➧ Аттестати синфи 11, Т-АТУ №0772058, ба номи Раҷабов Аслиддин Алимардонович, ки соли 2020 аз ҷониби МТМУ №60-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➧ Шиносномаи техникӣ ба номи Ҷумаев Шодибек Қаюмович, бо суроғаи ноҳияи Варзоб, ҷамоати Айнӣ, деҳаи Қулписта, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➧ Дафтари ҳавлӣ ва Шиносномаи техникӣ ба номи Идибекова Садоқат Насриновна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи 3 гузаргоҳи Н. Қарабоев 13, ҳ. 63, аз соли 1992, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➧ Шаҳодатномаи МКВ №036990, рақами қайд №0547, ба номи Мирзоев Шоҳрух, ки санаи 29.08.2025 аз КВД "Маркази касбомӯзии ш. Душанбе" дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

➧ Созишнома дар бораи гузашт кардани ҳуқуқи талабот таҳти феҳрасти рақами 25 С-103, аз санаи 21.05.2021, ки аз тарафи Саридораи нотариалии давлатии ҶТ ба номи Аминова Гулрақат Бурикуловна тасдиқ карда шудааст, бо сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

### БАРҲАМ МЕХӮРАД

➧ ҶДММ "Термотек Повер Ҳисор", №0275956, РЯМ: 0910011612, РМА: 090017877, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

➧ ҶДММ "Шодмони Меҳрубон", №0275771, РЯМ: 0910010549, РМА: 090016777, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

➧ Кооперативи тиҷоратии "Мустафо Ҳ", РМА: 200002789, РЯМ: 2010003050, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

➧ ҶДММ "Пахтаи Меҳрубон", №0275691, РЯМ: 0910010155, РМА: 090016383, барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

# ДУ САДАМАИ ПУРҚУРБОНӢ ВА МАРГИ 18 НАФАР

**Дар рӯзҳои аввали моҳи июл ду садамаи мудҳиш дар роҳҳои Тоҷикистон боиси марги дастикам 18 нафар шуд. Яке аз ин ҳодисаҳо дар шаҳри Ваҳдат ва дигаре дар ноҳияи Фархор рух дода, ҳар ду ҷомеаро такон доданд.**

Садамаи Ваҳдат рӯзи 2 июл дар километри 32-юми шоҳроҳи Душанбе–Хоруғ, дар ҳудуди деҳаи Элок рух дод. Дар аввал мақомот аз марги 11 нафар ва ҷароҳат бардоштани 4 тани дигар хабар дода буданд. Вале баъдан яке аз маҷрухон дар беморхона даргузашт ва шумораи қурбониён ба 12 нафар расид.

Ба иттилои манбаъҳо, як маҷруҳи дигар, ки ҳолаташ вазнин буд, ба бемористони "Истиқлол"-и шаҳри Душанбе интиқол ёфтааст. Ҳоло ду осебдидаи ин садама дар ин бемористон табобат мегиранд. Дар Беморхонаи марказии Ваҳдат дигар захмии ин ҳодиса боқӣ намондааст.

Аксари қурбониёни садамаи Ваҳдат сокинони ВМКБ будаанд. Ҳамчунин дар миёни ҷонбохтагон сокинони ноҳияҳои Ёвон, Данғара ва Восеъ низ ҳастанд. Синни фавтидагон аз 6 то 61 сол гуфта мешавад. Ба гуфтаи мақомот, садама пас аз кор мондани системаи тормози мошини боркаши "Дулан" рух дода, он ба худравҳои "Опел Зафира" ва "Тойота Прадо" бархӯрдааст.

Ҳодисаи дувум рӯзи 4 июл дар ноҳияи Фархор рух дод. Вазорати корҳои дохилӣ хабар дод, ки дар ҳудуди деҳаи Бобосафол ронандаи 19-солаи мошини "Ҳундай Сервис" аз уҳдаи идораи воситаи наклиёт набаромада, ба мошини "Тойота Карола", ки онро ронандаи 34-сола идора мекард, бархӯрдааст. Дар натиҷа ронандагони ҳар ду мошин ва чор мусофири онҳо ҷон бохтаанд.



ҶОМИ ҶАҲОН

# ДУРАХШИ ҲОЛАН, МБАППЕ, БЕЛЛИНГЕМ ВА БОЗ ҲАМ МЕССӢ

**Воҳӯриҳои даври ҳаштякниҳоии Ҷоми ҷаҳонии футбол ба охир расиданд ва 8 даста ба даври чорякниҳоӣ рафтанд.**



Аввалин шуда Канада, яке аз мизбонҳои Ҷоми ҷаҳонии соли 2026 аз роҳхати даври чорякниҳоӣ маҳрум шуд. Чемпиони феълии қораи Африқо - Марокаш дарвозаи Канадаро бо 3 гол сӯрох кард. Сипас, Бразилиё, дастае, ки панҷ маротиба чемпиони ҷаҳон шудааст, аз идомаи рақобатҳо маҳрум шуд. Эрлинг Ҳолан бо ҳамдастхояш аз Норвеж 2 гол ба дарвозаи бразилиҳо зад ва бо ҳисоби 1:2 пирӯз шуд.

Дар идома Парагвай аз дасти Мбаппе ва ҳамдастаҳояш аз Фаронса ноком шуд. Як голи задаи ӯ тақдири бозиро ҳал кард. Роналду бо Португол бо орзуи чемпионӣ ба ин мусобиқа омада буд, аммо ӯ низ ноком шуд. Испониё буд, ки дар дақиқаи аввали иловагӣ Роналдуи 41-соларо ноумед кард - 0:1.

Мизбони дуюми мусобиқа дастаи Мексик талош кард, аммо аз дасти Инглис натавонист ба даври дигар роҳ ёбад. Ҷуд Беллингем дастаи Инглисро бо 2 гол ба пеш баровард ва голи аз пеналтӣ задаи Ҳаррӣ Кейн ғалабаро таъмин кард. Мексик 2 голи ҷавобӣ зада тавонисту тамом.

Белжик буд, ки дарвозаи мизбони асосии мусобиқа - Иёлати Муттаҳидаи Амрикоро голборон кард ва ин дастаро аз идомаи мубориза маҳрум сохт - 1:4.

Чемпиони феълии ҷаҳон Аржентин бо Лионел Мессӣ Мисреро, ки дар аввали бозӣ бо ҳисоби 2:0 дар пеш буд, аз сари роҳ барканор кард (3:2) ва даъвои ҳифзи унвонро дорад. Аммо, Колумбиё, яке дигар аз дастаҳои қораи Амрикои Ҷанубӣ ноком шуд (0:0) ва Суис дар задани пеналтӣ муваффақ (4:3) шуда, барои идома ба даври чорякниҳоӣ рафт.

Дар даври чоякниҳоӣ Фаронса бо Марокаш (10-уми июл), Испониё бо Белжик (11-уми июл), Норвеж бо Инглис (12-уми июл) ва Аржентин бо Суис (12-уми июл) бозӣ хоҳанд кард.

ФУТБОЛ

# FIFA «ХУҶАНД»-РО АЗ ХАРИДАНИ БОЗИГАРОН БОЗДОШТ

**Клуби футболи Хуҷанд бо мушкилоти ҷиддии берун аз майдон рӯ ба рӯ шудааст. “FIFA клуби Тоҷикистонро ба рӯйхати расмии дастаҳое, ки аз бақайдгирии бозигарони нав манъ шудаанд, шомил кардааст”,- хабар медиҳад хабарнигор Алексей Корчагин.**



Тибқи маълумоти пойгоҳи додаҳои FIFA, «Хуҷанд» барои се давраи бақайдгирӣ манъи интиқолро хоҳад дошт. Ин мамнуъият аз 4-уми майи соли 2026 эътибор пайдо кард ва то он даме, ки клуб уҳдадориҳои молиявии худро пурра иҷро накунад, эътибор дорад.

Тибқи маълумоти мавҷуда, таҳримҳо аз сабаби қарзи даста дар назди собиқ бозигари ӯзбекистонӣ Ислом Тошпӯлотов, ки мавсими гузашта дар «Хуҷанд» бозӣ карда буд, ба вуҷуд омадаанд. Пас аз мурофиати бозигар ба FIFA қарор дар бораи ҷорӣ кардани ин мамнуъият қабул карда шуд.

Манъи интиқол клубро аз гуфтушунид ё имзои шартнома бо бозигарон манъ намекунад, аммо «Хуҷанд» то он даме, ки қарзи худро ҳал накунад, наметавонад бозигарони навро ба қайд гирад, ё онҳоро ба мусобиқаҳои расмӣ ворид кунад. Агар клуб пурра ба қарори FIFA итоат кунад ва қарзро пардохт намояд, манъ метавонад пеш аз мухлат бекор карда шавад.

Ин хабар барои Хуҷанд махсусан ҳассос аст, зеро равзанаи интиқоли тобистона дар Лигаи олии футболи Тоҷикистон кушода аст ва то 29-уми июл давом мекунад. Пас аз 12 даври чемпионати миллӣ даста бо 16 имтиёз дар ҷойи ҳафтум қарор дорад (4 пирӯзӣ, 4 мусовӣ, 4 бохт, бо фарқияти голҳо 11-10). Бо он ки дастаро аз ҷойи панҷум танҳо як хол ҷудо мекунад, мубориза барои нимаи болоии ҷадвал эҳтимоли вокеӣ боқӣ мемонад.

ФУТЗАЛ

# «СОРО КОМПАНИЯ» ДАР KHAN CUP-2026 ШИРКАТ МЕКУНАД

**Дастаи "Соро Компания", чемпиони футзали Тоҷикистон барои як чолиши нав дар саҳнаи байналмилалӣ омодагӣ мебинад. Клуби Душанбе дар мусобиқаи Khan Cup-2026, ки аз 9 то 12-уми июл дар Остонаи Қазоқистон баргузор мешавад, иштирок хоҳад кард.**




Иштирок дар ин мусобиқа қисми муҳими омодагии даста ба марҳилаи дуюми чемпионати Тоҷикистон хоҳад буд, ки дар ин давра тақдири нишонҳои мавсим ҳал хоҳанд шуд.

Ғайр аз "Соро Компания" дар ин мусобиқа клубҳо аз Қазоқистон, Қирғизистон, Австралиё, Беларус ва Русия ширкат хоҳанд кард. Ширкати дастаҳо аз ин кишварҳо Khan Cup-2026-ро яке аз мусобиқаҳои рақобатпазиртарини байналмилалӣ дар минтақа мегардонад.

Фонди умумии ҷоизаи мусобиқа аз 16 000 доллар зиёд аст. Барои "Соро Компания" ин танҳо иштирок не, балки имконияти санҷидани қувваи худ бо рақибони ҷиддӣ ва ба даст овардани таҷрибаи муҳими байналмилалӣ аст.

Даста ба наздикӣ таҳти роҳбарии Пайрав Воҳидов бори панҷум дар таърихи худ Суперҷоми Тоҷикистонро ба даст овард ва "Сипар"-ро бо ҳисоби 4:3 шикаст дод. Ин пирӯзӣ далели тавоноӣ ва орзуҳои даста буд ва акнун «Соро Компания» имкон дорад, ки сатҳи аълои худро берун аз марзҳои кишвар нишон диҳад.

## РЕЗААХБОР



Дастаи мунтахаби ҷавонони Тоҷикистон (U-20) таҳти роҳбарии Рустам Хоҷаев ба Масқат сафар кард, ки он ҷо бо ҳамсолони худ аз Уммон ду бозии санҷишӣ анҷом медиҳад. Бозии аввал рӯзи 9-уми июл ва дидори дуюм рӯзи 12-уми июл баргузор мешавад. Ин воҳӯриҳои дӯстона марҳилаи омодагии дастаи мунтахаби ҷавонони Тоҷикистон ба марҳилаи интихобии Ҷоми Осиё-2027 ба шумор меравад.

***

Дар Душанбе Чемпионати дуюми куштии ҷаҳон баргузор мешавад. Мусобиқа рӯзҳои 15 ва 16-уми август дар Душанбе баргузор мешавад, ки ба 35-солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон бахшида шуда, варзишгарони зиёда аз 70 кишварро ҷамъ меорад. Хазинаи умумии ҷоизаи мусобиқа 400 ҳазор долларро ташкил медиҳад. Ғолибони ҳар вазн 20 000 доллар, ҷоизадорони нуқра 10 000 доллар ва биринҷӣ 5 000 доллар мегиранд.

***

Дар доираи мусобиқаи 21-уми Лигаи ACBJJ дар Маскав мусобиқаи ҷиу-ҷитсуи бразилӣ байни Лоиқ Раҷабов аз Тоҷикистон ва Юсуф Раисов аз Русия баргузор шуд. Раисов бо ҳисоби 2:0 пирӯз шуд. Ин мубориза барои Раҷабов пас аз имзои шартнома бо ACBJJ як саҳифаи нав дар фаъолияти ӯ аст.

***

Рақибони КМВА барои даври пешакии Лигаи чемпионҳои занонаи AFC-2026/27 маълум шуданд. Занони КМВА дар гурӯҳи Е бо тимҳои «Бом Хотун (Эрон), Иттиҳод (Урдун) ва Ал Наср (Арабистони Саудӣ) рақобат хоҳанд кард. Ғолиби гурӯҳ ба марҳилаи гурӯҳии мусобиқа роҳ меёбад. Бозиҳои гурӯҳи Е-и бо ширкати КМВА аз 17 то 23-юми август дар Варзишгоҳи марказии Ҳисор баргузор мешаванд.



*Китоби латифаҳои адиб ва журналисти номошнои тоҷик Бобо Солеҳзода таҳти унвони “Намаки шӯр, ширмерган ва қиссаҳои дигар” тариқи нашриёти “Ношир”-и шаҳри Хуҷанд ба чоп расид. Қаҳрамонони латифаҳои Бобо Солеҳзода дӯстонаш - шахсиятҳои шинохтаи шаҳри Панҷакент ҳастанд. Чанд латифа аз ин китоб чун намуна аз хирвор пешкаши шумо мегардад.*

## БАҲСИ КАЛИД

*(Аз нақли собиқадори меҳнат Боймурод Шоев)*

Солхое, ки ман мудири шуъбаи ташкилии горком будам, бонуи хушандом ва хушсаводи рус ба шуъбаи умумӣ роҳбарӣ мекард.

Ба корҳои ман зиёд ёрӣ медод ва ӯро эҳтиром мекардам. Ин аз назари котиби дуюми горком раҳматии Волик пинҳон намондааст ва рӯзе ӯ маро ба ҳузураш хонд ва бо шубҳа пурсид, ки байни шумо чӣ робитае ҳаст?

Зуд ба сарам фикре зад ва хостам ӯро ҳайрон намоям ва барои бадгумонӣ боб ҳам кунам. Гуфтам, ки мо на танҳо рафиқи карин, балки шабҳо ман ба хонааш меравам, ҳатто калидашро дорам.

- Чӣ хел, шавҳараш ҳеҷ гап намезанад, рашк намекунад?,- даҳони котиби дуюм аз ҳайрат воз шуд.

Ман дарҳол қиссаи бофтаамро идома додам:

- Шавҳараш одами хуб, худаш хоҳиш кард, ки вақте ба кӯҳҳо меравад (вай геолог буд), ман занашро танҳо нагузорам. Калиди хонаро низ ба ман шавҳараш дод.

Таваҷҷӯҳ кардам, ки котиби дуюм аз ҳайрат беҳол мешавад. Шояд фикр мекард, ки он бонуи навчаи зебои ҳаммиллаташ чӣ тавр ин марди кӯтоҳқади на он қадар хушсурати тоҷикро интихоб кардааст.

- Боймурод Шоевич, намешавад, ки калиди хонаи ӯро чанд рӯз ба ман диҳӣ?

Зуд аз бастаи калидҳои идора якеро, ки хеле кӯҳна буду қулфаш кайҳо шикаста, гирифтаму “пожалуйста” гуфта, дароз кардам.

Котиби дуюм барои ин меҳрубонӣ ба ман як зиёфат ҳам ваъда кард ва хоҳиш намуд, ки ин муколамаро ба ҳеҷ кас нагӯям.

Ман аз наздаш баромадаму он бонуро ба ҳуҷраи корӣ даъват намудам ва ин қиссаро нақл кардаму ҳарду то беҳол шудан хандидем.

Ӯ бо он калиди кӯҳна чӣ кард, намедонам, фақат аз ин пас бо ман хеле эҳтиёткорона сухан мегуфт.

## НАМАКИ ШӮР

Чӯпоне аз ҳамсоядеҳ вақте рамаро аз чарогоҳи тобистона ба ҳамворӣ меронд, сари роҳ барои хариди намак ба мағозаи деҳаи Шашкат омад. Вақти чошт буду мудири мағоза истироҳат дошт. Дар ҳараки назди он Равшан менишаст.

Чӯпон:

- Дар мағоза намак бошад?

Равшан:

- Маслиҳат медиҳам, аз намаки ин мағоза нахаред.

- Чаро?

- Ман харидам, нашуд, аз ҳад шӯр будааст.

Чӯпони сода сари харашро мегардонаду меравад.

## РАҲМАТИ ХУДО

Баҳор. Рӯзи боронӣ. Равшан бо маслиҳати аҳли хона чатри онҳоро мегираду то истгоҳи мошинҳо меравад.

Сари роҳ домуллои деҳа ба ӯ эрод мегирад, ки борон раҳмати Худост ва чатр гирифтан гуноҳ аст.

Равшан ҷавоб медиҳад:

- Борона раҳмати Худо гуфтед, ман намехоҳам он зери по афтад.

**Бобо СОЛЕҲЗОДА**

## ПОСУХ

Марде зариф зани ҷамилаеро дида, гуфт:

- Чӣ шавад, эй хотун, агар рухсат фармой, ки туро бичашам ва чошнӣ гирам, то бубинам, ки ту ширинтарӣ ё зани ман?

Зан гуфт:

- Бирав, аз шавҳарам бипурс, ки ҳардуро чашидааст, то ӯ хотирнишони ту кунад.

## ТИФЛИ СЕРӮЗА

Марде зане гирифт, рӯзи панҷум занаш фарзанде таваллуд кард. Мард ба бозор рафта, дафтару китоб харида овард. Аз ӯ пурсиданд:

- Лавозимоти мактабиро бахри чӣ харидӣ?

Мард гуфт:

- Тифле, ки дар панҷрӯзагӣ таваллуд шудааст, дар серӯзагӣ ба мактаб меравад.

## ЗАҲР

Табиби ҷавоне дар дасти бемор финҷони қаҳваро дида, нидо мекунад:

- Шумо қаҳва менӯшед? Охир, қаҳва ба шумо мисли заҳр таъсир мерасонад!

Бемор дар ҷавоб:

- Эҳтимол чунин бошад, лекин заҳри бениҳоят сусттаъсир будааст. Ман онро муддати шаст сол аст, ки менӯшам.

## БЕКОРАМ

Харе ҷон медод. Рӯбоҳе болои сараш омад.

Хар гуфт:

- Ҷаро ин ҷо нишастаӣ?

Гуфт:

- Нишастаам, ки ту бимирӣ, аз гӯштат бихӯрам.

Хар гуфт:

- Ман то чоршанбе наҳоҳам мурд!

Рӯбоҳ гуфт:

- Ман ҳам то рӯзи ҷумъа бекорам.

## РАМАЗОН

Зоҳиде дар маҷлис мегуфт:

- Оё моҳи Рамазон аз мо хушнуд рафт?

Зарифе гуфт:

- Бале, хушнуд рафт.

Зоҳид пурсид:

- Аз куҷо медонӣ?

Гуфт:

- Аз он ҷо ки агар хушнуд наравад, соли дигар боз наояд.

## ШӮРБО

Араберо гуфтанд:

- Шумо шӯрбои гармро чӣ меномед?

Гуфт:

- Каллаҷӯш.

Гуфтанд:

- Агар шӯрбо сард шавад, онро чӣ меномед?

Гуфт:

- Мо намегузорем, ки шӯрбо сард шавад.

## МОШИН

Духтарак ба падар мегӯяд:

- Дадаҷон, мошинатро ба ман медиҳӣ? Барои як рӯзак!

Падар дар ҷавоб:

- Духтарҷон, пойҳоят барои чиянд?

Духтар мегӯяд:

- Яктояш барои тормоз, дигараш барои газ!

## ПОСУХИ КӮДАК

Зане бо кӯдакаш дар таксӣ меравад. Кӯдак дар роҳ худ ба худ гап мезанад:

- Агар падарам фил мешуд, очаам филоча, ман филбача мешудам, агар дадаам гург мешуд, очаам гургоча, ман гургбача мешудам...

Ин гуфтугӯзори кӯдак ба дили ронанда мезанаду мегӯяд:

- Агар дадаат хар мешуду очаат буз, худат чӣ мешудӣ?

Кӯдак дар ҷавоб:

- Ронандаи таксӣ мешудам.

**Таҳияи Н. РАҶАБОВА**

## Сканворд

